# ТАЛҲҲА ВА ЗУБАЙР

## ҲАМСОЯГОНИ БИҲИШТИИ ПАЁМБАР




Муаллиф:

***АЙЮБ ГАНҶӢ***

Баргардон (аз форсӣ)

***МЎҲСИНИ РАМАЗОНӢ***

# ﴿ طلحة والزبير جارا النبي في الجنة ﴾

«باللغة الطاجيكية»

تأليف: أيوب كنجي

تحويل الحروف من الفارسية: محسن رمضاني

2011 - 1432

IslamHouse.com

## *СОҲИБИ РӮЗИ УҲУД.*

## *ШАҲИДЕ, КИ БАР РӮИ ЗАМИН РОҲ МЕРАВАД.*

Ному насаб ва куния:

Талҳа писари Убайдуллоҳ бини Усмон бини Амр бини Каъб бини Саъд бини Тим бини Мурра[1] бини Каъб бини Луай бини Ғолиб бини Фаҳр бини Молик бини Назр бини Кинона ва модараш Сабъа духтари Абдуллоҳ бини Молик ал-Ҳазрамия мебошад[2]

Аз тоифаи Тим ва аз қабилаи ҳазрати Абубакри Сиддиқ (р) аст. Кунияи ӯ Абумуҳаммад ва ба Талҳат-ул- хайр ва Талҳат-ул-файёз машҳур буд.[3]

Талҳа аҳли Макка ва аз ҳамон даврони ҷавонӣ ба кори тиҷорат ва бозаргонӣ машғул буд. Дар кораш яке аз бозаргонони машҳур чобуку чолок ба шумор мерафт. Аммо ин бозаргонони ҷавон ва ин толиби дунё чи гуна масири зиндагияш тағйир ёфт ва тиҷорат ва бозаргониро раҳо кард ва вориди муомила бо Парвардигори худ гашт? Чи нерӯ ва ҷозибае ӯро аз лаззатҳои дунё, зинату зевари олоти

---

[1] Ҳазрати Талҳа дар ин ҷо насабаш бо насаби Расулуллоҳ (с) пайванд мехӯрад.

[2] Асад-ул-ғоба, ҷилди 3, саҳ.475.

[3] Ҳамон.

дунявӣ боздошт, то фақр, ва тангдастиро бар ҳар чиз тарҷеҳ диҳад.

Ин чи ҷозибаву кашишест, ки аксари ҷавонони Макка ва Мадинаи он рӯзро ба худ ҷалб кард ва имрӯз низ бисёре аз ҷавонони ин кураи хокиро ба сӯйи худ мекашонад, бидуни ин ки зоҳиран аз касе қавл ва қароре гирифта бошанд? Магар инҳо Худовандро дидаанд? Магар биҳишт ва чаҳаннамро мушоҳида кардаанд, ки ин гуна ба сӯйи яке майл ва рағбат доранд ва аз дигаре гурезонанд ва ...

Оре! Талҳаи ҷавону зирак ба воситаи яке аз шогирдони Муҳаммади Мустафо (с) ба гурӯҳи ҷавонмардон ва исоргарони ин дин даромад. Абубакри Сиддиқ (р) ҳам он бузургмарде, ки худ амир ва сардори тоҷирон, бозаргонон ва аввалин фарде буд, ки тамоми сарват ва дороиашро барои пешрафти дини Ислом сарф намуда, ба табъийят аз ӯ бақия ҷавонмардони Макка ин шеваро баргузидаанд. Чаро ки то ба ҳол касе аз Абубакр (р) хилофе мушоҳида накардааст. Садоқат, покию ихлос, сифоти боризи ӯст. Пас ҳар кас метавонад ба ӯ иътимод кунад. Талҳа панҷумин касе буд, ки ба василаи ҳазрати Абубакри Сиддиқ (р) мушарраф ба Ислом шуд ва ҷузъи собиқон ва пештозони мактаби муҳаммадӣ ба шумор меояд.

Ӯ ҳаштумин ёр ва раҳрави Расулуллоҳ (с) аст. Ҳаштумин фарде, ки қабул намуд ҷону мол ва сарвату мақоми хешро фидои маъшуқи худ намояд.

### *ТАЛҲА ДАР ОҒӮШИ ИСЛОМ ҶОЙ МЕГИРАД*

Аксари таърихнависон ва сиратнигорон ин гуна достони тағйири масири зиндагии Талҳаро барои мо ба тасвир кашидаанд:

Талҳа барои тиҷорат ҳамроҳи корвонҳои Қурайш ба сарзамини Шом рафта буд. Ҳангоми вуруд ба шаҳри Бусро ҳар як ба самту сӯе рафта, машғули тиҷорат ва хариду фурӯш шуданд. Талҳа ҳам монанди бақия бозаргонон ба кор дар бозор буд, бо воқеаи аҷибе рӯ ба рӯ гашт, ки масири зиндагиашро тағйир дод ва ӯро аз хорию зиллати дунёхоҳӣ ва дунёпарастӣ ба авҷи қуллаи худопарастӣ, ишқу муҳаббати Аллоҳ расонд. Риштаи суханро ба худи Талҳа месупорем, то худ достони шигифтангезу ҷолиби инқилоби фикрӣ ва даруниашро бароямон бозгӯ намояд: Ҳангоме, ки дар бозори Бусро қадам мезадам ногаҳон нидои роҳибе ба гӯшам расид, ки фарёд мезад: Оҳой мардум! Ёайюҳан-нос! Эй тоҷирон ва бозаргонон! Оё касе аз аҳли Ҳарам (сарзамини Ҳиҷоз) дар миёни шумо ҳаст? Ман ки овозро мешунидам кунҷков шудам ва ба суръат худамро ба ӯ расондам ва гуфтам: Бале, ман аз аҳли

Ҳиҷоз ҳастам, коре доштед? Роҳиб гуфт: оё дар миёни шумо фарде ба номи “Аҳмад” зуҳур кардааст? Гуфтам: Аҳмад кист? Гуфт: писари Абдуллоҳ писари Абдулмуталлиби Қурайшист. Ин моҳ (тибқи пешбинии Инҷил) ҳам он моҳест, ки дар он зуҳур меукнад. Ў охирин фиристодаи Худованд аст, ки барои наҷот ва раҳнамоии башарият меояд ва инро Исои Масеҳ (а) ваъда додааст. Ў дар сарзамини шумо зуҳур карда, ба ҷое муҳоҷират мекунад, ки дорои сангҳои сиёҳ, нахлистонҳои бузург, заминҳои шўразор ва чашмаҳои фаровони об мебошад. Оҳой ҷавон! Мувозиб бош фурсатро аз даст надиҳӣ ва зуд ба ў пайрав шав! Суханони ин роҳиби пир дар дилам асари бисёре гузошт. Ба суръат аспамро омода карда, рахти сафар барбастам. Корвонро ба ҷо гузоштам ва шитобону ҳайрон ба сўи Макка метохтам. Дар ҳамон бадави вуруд ба манзил, ба ҳамсарам гуфтам:  Оё баъд аз рафтани мо аз Макка иттифоқи хосе рух надодааст? Ҳамсарам гуфт: чаро, Муҳаммад писари Абдуллоҳ иддаои паёмбарӣ кардааст. (Қурайш ба шиддат аз ў хашмгинанд), афроде ҳамчун Ибни Абуқуҳофа (Абубакр) ба ў пайвастаанд ва аз ў пайравӣ мекунанд. Ман Абубакрро ба хубӣ мешинохтам, ў фарди ором, хунгарм ва ҷавонмард буд, аз ҷумлаи тоҷироне буд, ки ба хотири ахлоқи некў ва кирдори

дурусташ ҳамагӣ бо ӯ унсу улфат доштем, аз ҳамнишинӣ бо ӯ ва аз суханонаш лаззат мебурдем. Чаро ки дар заминаи таърих ва ахбори гузшаштагон иттилооти хубе дошт, ағлаби авқот даври ӯ ҳалқа мезадем (то маҳзарашро истифода кунем). Хулоса ҳамин, ки мавзӯъро аз ҳамсарм шунидам, бо аҷала назди Абубакр рафтам. (бидуни муқаддима) гуфтам: Оё сиҳат дорад ки Муҳаммад ибни Абдуллоҳ иддаои паёмбарӣ кардааст? Оё рост мегӯянд, ки ту ба оини гаравиддаӣ!? Абубакр ҷавоб дод: Бале… ончӣ шунидаӣ рост аст. Баъд шурӯъ кард ба таблиғ ва маро ба пазируфтани дини Ислом даъват кард. Аз Муҳаммад гуфт ва … (ман ҳам, ки қаблан партавҳое дар дилам тобидан гирифта буд) достони Бусро ва роҳибро барояш бозгӯ кардам. Бисёр ҳайратзада шуд, (аммо ҳайрату тааҷҷубе ҳамроҳи сурур ва хушҳолӣ ингор бар итминони қалбаш афзуда мегашт), сипас гуфт пас маътали чи ҳастӣ? Аҷала кун! Зуд бош! Бо ҳам назди Расулуллоҳ (с) равем, то достонатро барояш таъриф кунем. Бубинем ишон чӣ мефармоянд. Ба иттифоқи Абубакр назди Расули акрам (с) рафтем. Исломро бар ман арза кард ва оёте аз ваҳй бароям тиловат намуд, муждаи пирӯзию растагорӣ дар дунёву охиратро ба ман дод. Достони роҳиби ((Бусро))-ро барояш бозгӯ намудам.

Осори суруру шодӣ дар чеҳрааш зоҳир гашт. Дар ин лаҳза буд, ки бо итминони хотир гуфтам:

Гувоҳӣ медиҳам ҷуз Аллоҳ маъбуде бар ҳақ нест ва Муҳаммад расул ва фиристодаи худост.[4]

اشهد ان لا اله الا الله و اشهد ان محمداً رسول الله.

## *МАЗЛУМИЯТИ ДАРДНОКИ МӮЪМИНОН*

Ибни Ҳишом, Аллома Ибни Касир ва Ибни Исҳоқ нақл мекунанд:

Ҳар як аз қабоили Қурайш ҳангоме, ки афроде аз қабилаашон муслмон мешуданд онҳоро таҳти фишору мавриди ситам қарор медоданд, то аз дини Ислом даст бардоранд. Мусалмонҳоро зиндонӣ карда, онҳоро бо шиканҷа, гуруснагию ташнагӣ дар гармои нимарӯзи Ҳиҷоз азоб ва шиканҷа медоданд.[5] Ибни Аббос (р) аёми шиканҷаю озори мусалмонҳоро чунин ба тасвир мекашад: Мушрикони Макка асҳоб ва ёрони Расулуллоҳ (с)-ро ба ҳадде шиканҷа медоданд, онҳоро гуруснаю ташна медоштанд, ки бар сари он шиканҷаҳо қодир ба нишастану рост кардани пушташон набуданд.[6]

---

[4] Суварун мин ҳаётис-саҳоба, Қиссату Талҳа (р) саҳ. 324.

[5] Масоиби саҳоба ба нақл аз Сираи Ибни Ҳишом ва Ибни Касир.

[6] Манбаи собиқ, саҳ. 56.

Ибни Исҳоқ мегӯяд:

Абуҷаҳли фосиқ ҷавонони Қурайшро алайҳи мусалмонон таҳрик мекард. Ҳаргоҳ мешунид, ки фарде тоза мусалмон шуда, агар он фард аз ашроф ва арбобиззат мебуд, ӯро таҳдид мекард, хораш медошт ва ба вай мегуфт: Ту дини обову аҷдоди худро тарк кардаӣ, дар ҳоле, ки онҳо аз ту беҳтар будаанд. Мо туро аҳмақ ва раъйятро ғалат медонем ва иззататро нобуд хоҳем сохт. Агар фарди мусалмоншуда аз тоҷирон мебуд ба вай мегуфт: Мо тиҷорати туро аз байн хоҳем бурд ва молу манолатро талаф хоҳем кард.

Ва агар фарди мусалмоншуда шахси нотавону заъиф мебуд, ӯро шиканҷа медод ва авбошони дигарро низ алайҳи вай мешӯронид.[7]

## *БОЗТОБИ МУСАЛМОН ШУДАНИ ТАЛҲА ДАР МИЁНИ ХОНАВОДААШ ВА ҚАБИЛААШ*

Дар аввалин рӯзҳои ҳаёти Ислом ҳаргоҳ касе бо Расулуллоҳ (с) дасти дӯстию муҳаббат ва қабул кардани исломро медод, билофосила аз сӯи хонавода, қабила ва атрофиёнаш зарар медид ва бештари авқот бо шиканҷаҳои ҷисмии зиёде мувоҷеҳ мегашт. Талҳа низ аз ин амр мустасно набуд. Вақте хонавода ва наздиконаш хабари

[7] Манбаи собиқ, саҳ.57.

мусалмон шуданашро шуниданд, ҳамагӣ барошуфта шуданд, хашму асабоният саросари вуҷудашонро фаро гирифт. Модараш, ки орзу дошт Талҳа раис ва сардори қабила шавад, комилан маъюс, ғамгину нигарон шуда буд. Талҳа дорои сифоти ҳасана, матонати бузурге буд. Ба ҳамин далел модараш интизор дошт ӯ раҳбари қавми хеш гардад.[8]

Афроди қабила назди Талҳа омаданд, аз ӯ хостанд то аз ин дини ҷадид даст бардорад, аммо Талҳа ҳамонанди кӯҳи устувору мӯҳкам дар муқобилашон истод. Ҳеҷ ваъдаю ваъиде натавонист заррае дар иродаю азми оҳанини вай тазалзул пайдо кунад. Балки ҳар рӯз маҳкамтар аз рӯзи қабл бар ақидаи худ пой мефишурд ва аз ҳеҷ чиз ибое надошт.

Афроди қабилааш вақте медиданд нармиш ва созиши онҳо Талҳаро аз тасмимаш боз намедорад, ба азияту озор ва шиканҷаи вай рӯй оварданд.

Имом Ибни Саъд дар “Табақот” овардааст:

Пас аз мусалмон шудани Талҳа рӯзе Навфал ибни Хувайлид, ки ба шери Қурайш машҳур буд, Абубакр (р) ва Талҳа (р)-ро ба василаи ресмоне ба ҳам баста, онҳоро ба нодонон ва авбошони Макка таҳвил дод, ки ба шадидтарин шакл онҳоро азият

[8] Суварун мин ҳаётис-саҳоба, саҳ.324.

диҳанд. Ба ҳам ин ҷиҳатт Талҳа ва Абубакрро “ал-қаринайн”, яъне ҳамроҳ ва ҷуфт мегуфтанд.

Гӯянд рӯзи дигар мардум дастҳояшро ба гарданаш баста буданд ва бо ҳам ин ҳолат ӯро рӯи замин мекашиданд, (ин ҳолат ба ҳадде фоҷиавор буд) ки модараш ба дунболаш медавид ва нолаю зора мекард ва дашном медод.[9]

Масъуд бини Харрош низ инро нақл мекунад: Рӯзе машғули саъй байни Сафо ва Марва будам, ки дидам афроди зиёде ҷавонеро дунбол мекунанд. Вақте нигоҳ кардам ҳар ду дасташро бар гарданаш баста буданд, пушти сараш медавиданд ва ӯро аз пушт мезаданд (ҳавола медоданд). Вақте меафтод бар сару сураташ лағад мезаданд. Пушти сари ҷавонпиразане ҳам медавид ва фаҳшу носазо мегуфт, доду фарёд мекард. Гуфтам: ин ҷавон чӣ кардааст? Гуфтанд : Ин Талҳа бини Убайдуллоҳ аст. Аз динаш баргашта ва ба писари бани Ҳошим гаравидааст. Пурсидам : Ин пиразан кист? Гуфтанд: Саъба духтари Ҳазрамӣ , модари ҳамин ҷавон аст.[10]

Аммо он чи ки қобили таъаммул аст, ин ки тамоми озоре, ки сарони Қурайш барои мунсариф кардани Талҳа аз Ислом ба кор гиифтанд, ҳамагӣ бефоида буд. Чаро ки ӯ муҳкамтар аз қабл ва бо

[9] Табақоти Ибни Саъд, ҷилди 3, саҳ.215.

[10] Суварун мин ҳаётис-саҳоба, саҳ.325.

ишқу шӯри бештаре нисбат ба Ислом ва Расулуллоҳ (с) дар муқобили шиканҷаҳои сахти душманони Ислом истодагӣ мекард. Бо ин амалаш ба дигар ҷавонон ва навмусалмонон ҷони тозае мебахшид ва ба яке аз муҳимтарин ҳаводорони Ислом дар Макка табдил шуд.

### *ВИЖАГИҲОИ ҲАЗРАТИ ТАЛҲА (Р)*[11]

Ҳазрати Талҳа (р) ба сабаби садоқат ва ихлоси зиёдаш дар зумраи бузургони асҳоб қарор гирифт ва имтиёзоти бузургеро насиби хеш намуд, ки ба чанд намуна аз он ишора мекунем:

***Ҷиҳод дар рикоби расули Худо (с):***

Ҳазрати Талҳа (р) дар тамоми ғазавот ба зидди мушрикин Расули акрам (с)-ро ҳамроҳӣ мекард ва мардона меҷангид. Фақат дар ғазваи Бадр ба далели ин ки Расулуллоҳ (с) эшонро ҳамроҳи Саъид бини Зайд барои маъмурияте ба Шом фиристода буд, ҳузур надошт. Аммо пас аз баргашт ба Мадина аз

---

[11] Ба далели ин ки Ҳазрати Талҳа (р) ва Ҳазрати Зубайр (р) дар бисёре аз фазоил муштарак ҳастанд, лизо он чи ки дар мавриди ҳар ду ин азизон вуҷуд дорад, пас аз поёни достони зиндагии Ҳазрати Зубайр (р) таҳти унвони "Фазоили Талҳа ва Зубайр" зикр мекунем, иншоаллоҳ.

ғаноими Бадр низ саҳми муҷоҳидӣ ба эшон дода шуд.[12]

## *ҶАНГИ УҲУД , ИСОР ВА ҶОНФИШОИИ ТАЛҲА (Р)*

Ҳазрати Талҳа (р) яке аз мубориизони сахткӯши ҷанги Уҳуд буд. Таърих ҳеҷ гоҳ наметавонад рашодатҳо ва исоргариҳои ҳазрати Талҳа (р) дар рӯзи сахт ва хунини Уҳудро аз ёд бибарад. Ба иллати ин фидокориҳояш буд, ки Расулуллоҳ (с) вайро "Шаҳиди зинда" лақаб доданд.

Вақте мусалмонон ба зоҳир шикаст хӯрданд ва шоеъ шуд, ки Паёмбар (с) шаҳид шудааст, бештари саҳоба пароканда шуданд. Танҳо фарде аз муҳоҷирин, ки дар канори Расулуллоҳ (с) ҳузур дошт, ҳазрати Талҳа буд. Ӯ ба иттифоқи ёздаҳ мубориз аз ансор чун ҳалқа Расулуллоҳ (с)-ро дар миён гирифта буданд. Расули акрам (с) ва ҳамроҳонаш хостанд аз кӯҳ боло бираванд, то душман натавонад бар онҳо мусаллат шавад. Дар ин ҳолат буд, ки ҷамъе аз мушрикон онҳоро таъқиб карданд ва мехостанд Расули акрам (с)-ро ба қатл бирасонанд. Дар ин лаҳза Паёмбар (с) фармуд: Чи касе ҳозир мешавад онҳоро аз мо дур кунад ва дар иваз дар биҳишт ёру қарини ман бошад?

---

[12] Асад-ул-ғоба, ҷилди 2, саҳ.476.

Ҳазрати Талҳа (р) сареъан ҷавоб дод: Ё Расулаллоҳ! (с) ман бо тамоми вуҷуд ҳозирам.
Паёмбар (с) фармуд: на, Талҳа! Ту дар ҷои худ бимон. Марде аз ансор гуфт: Ё Расулаллоҳ! (с) ҳозирам ин маъмуриятро анҷом диҳам. Паёмбар (с) фармуд: Бисёр хуб! Марди ансор бо куффор вориди корзор шуд ва ба шаҳодат расид. Дар ин лаҳза Расули акрам (с) ва ёронаш машғули пешравӣ буданд. Аммо боз ҳам мушрикон худро ба онон расонанд. Расули акрам (с) дубора фармуд: Чи касе ҳозир аст дар муқобили онҳо биистад? Марди майдон кист?
Дубора ҳазрати Талҳа (р) (ки бӯи биҳиштро эҳсос мекард ва муштоқи мулоқоти Аллоҳ буд) фармуд: Ман ҳозирам, ё Расулаллоҳ! (аммо ин ки Расулуллоҳ (с) намехост ба ин зуди Талҳаро аз даст бидиҳад) фармуд: На, ту дар ҳамон мавзеъи хеш бош! Сипас марди дигаре аз ансориҳо эъломи омодагӣ кард ва Расулуллоҳ (с) низ пазируфт. Ӯ ба майдон бирафт ва машғули шамшерзанӣ шуд, то ин ки ба дараҷаи шаҳодат ноил гашт. Расулуллоҳ (с) ва афроде, ки бо ӯ буданд ба сӯи болои кӯҳ ба пешравӣ пардохтанд ва ҳамон мушрикон низ онҳоро таъқиб мекарданд.

Бар ҳамон минвол Расули акрам (с) дархости хешро мабнӣ бар номзад шудани яке аз ёрон барои саргарм кардан ва монеъ шудани онҳо аз расидан ба

он Ҳазрат (с) матраҳ намуд. Ва ҳар бор ҳазрати Талҳа (р) эъломи омодагӣ мекард ва Паёмбар (с) намепазируфт. То ин ки он ёздаҳ марди ансорӣ ба тартиб шаҳид шуданд ва Расулуллоҳ (с) бо ҳазрати Талҳа боқӣ монданд. Дар ин лаҳза ҳазрати Талҳа (р) фармуд: Оё навбати ман расидааст? Паёмбар (с) фармуд: Алон бале.

Ҳазрати Талҳа (р) шамшер кашид ва ба тору мор кардани мушрикон машғул шуд, ба маҳзи ин ки фурсати андаке меёфт, сареъан Расулуллоҳ (с)-ро каме болотар мебурд. Дубора сареъан бармегашт ва ба мушриконе, ки қасди наздик шудан ба Расулуллоҳ (с)-ро доштанд ба мубориза мепардохт.[13] Ҳазрати Талҳа (р) худро сипари Расулуллоҳ (с) қарор дода буд ва тирҳову найзаҳои зиёде ба бадани муборакаш бар мехӯрд, аммо ба ҳар қимате, ки буд Паёмбар (с)-ро ба болои кӯҳ расонд ва аз дасти мушрикон наҷот дод.

Абубакри Сиддиқ (р) фармуд: Дар он лаҳазот ман ва Абуубайдаи Ҷарроҳ дар қисмати дигаре машғули ҷанг будем, байни мову Расулуллоҳ (с) фосила афтода буд. Ба ҳар шакле буд худамонро ба Расулуллоҳ (с) расондем. Хостем захмҳояшро мудаво кунем, аммо иҷоза надод ва фармуд: Маро бигзоред ва ба кӯмаки рафиқатон Талҳа биравед. Каме

[13] Табақоти Ибни Саъд, ҷилди 3, саҳ.218.

поёнтар омадем, дидем Талҳа ба шиддат захмӣ шудааст. Хун ба шиддат аз захмҳояш берун мешуд ва осори ҳафтоду чанд захми найзаву шамшер бар баданаш мушоҳида мешуд. Ӯро назди Паёмбар (с) овардем. Паёмбар (с) дар ин лаҳза фармуд: "Ҳар кас мехоҳад аз нигаристан ба шаҳиде, ки зинда ба замин роҳ меравад, баҳраманду хушҳол шавад, Талҳаро бингарад."[14]

Ҳазарти Абубакр (р) ҳар вақт ба ёди Уҳуд меафтод, мефармуд: Рӯзи Уҳуд мутааллиқ ба Талҳа аст.[15]

## *ТАЛҲАТ- УЛ- ХАЙР*

Вақте Расули акрам (с) дар рӯзи Уҳуд фидокориҳову исоргариҳои Ҳазарти Талҳа (р)-ро мушоҳида намуд, ки бо тамоми вуҷуд то охирон нафас аз эшон посдорӣ мекард, ба ӯ лақаби "Талҳат-ул-хайр" дод[16] , яъне Талҳае, ки саросар хайр, некиву фидокорист. Ин лақаб яке лақабҳои ифтихориест, ки аз ҷониби Расулуллоҳ (с) ба ҳазрати Талҳа (р) дода шудааст.

## *ТАЛҲАТ-УЛ-ФАЁЗ ВА ТАЛҲАТ-УЛ-ҶУД*

---

[14] Асад-ул-ғоба, ҷилди 2, саҳ.476.

[15] Суварун мин ҳаётис-саҳоба, саҳ.327.

[16] Асад-ул- ғоба, ҷилди 3, саҳ.476.

Ҳазрати Талҳа (р) на Танҳо ба ҷонаш, ки бо молу дороияш исломро ёрӣ мекард ва низ бо тамоми вуҷуд дар хидмати Расулуллоҳ (с) буд.

Ҳар вақт Ислом ниёз ба кӯмакҳои молӣ пайдо мекард, ҳазрати Талҳа (р) ҳамчун муаллими содиқаш, яъне Абубакри Сиддиқ (р) бахши умдаи сарваташ дар роҳи Ислом харҷ мекард. Ба сабаби ҳамин диловариҳо, фидокориҳо Расули акрам (с) ба эшон лақаби "Талҳат-ул фаёз" ва "Талҳат-ул-ҷуд"-ро иноят фармуданд. Ибни Асир дар "Асад-ул-ғоба" аз Абулфараҷ ва дигарон аз Мӯсо бини Талҳа ва ӯ низ аз худи Талҳа (р) чунин ривоят кардааст:

قال طلحه: سمانى رسول الله صلى الله عليه وسلم يوم أحد طلحه الخير، ويوم العُسر طلحه الفياض و يوم حنين طلحه الجود

Талҳа мегӯяд: Паёмбар (с) дар рӯзи Уҳуд маро "Талҳат-ул-хайр", дар рӯзи Уср (сахти) маро "Талҳат-ул-файёз" дар рӯзи Ҳунайн маро " Талҳат-ул-ҷуд" номид.[17]

## *ҲИКОЯТЕ АЗ САХО ВА БАХШИШИ ТАЛҲА (Р)*

Ҳазрати Талҳа (р) тоҷири моҳир ва сарватманди машҳур буд, ки ба сабаби зиракӣ дар муомилот судҳои калоне ба даст меовард. Рӯзе дар муомилае

[17] Асад-ул- ғоба, ҷилди 2, саҳ.476.

ки бо ҳазрамавтиҳо анҷом дод, суди калоне муъодили ҳафтсад ҳазор дирҳам насибаш шуд. ( Пуле, ки ҳар инсоне аз доштани он эҳсоси роҳатӣ ва оромиш мекунад. Хушҳол аз ин ки дар як муъомила ин гуна муваффақ шуда, ки пули калоне ба даст овард, аммо оё ҳазрати Талҳа (р) ин дастпарвардаи мактаби Расулуллоҳ (с) низ чунин бинише дошт? Оё ба хотири хушҳолӣ аз муваффақият аз як муомилаи дунявӣ хобаш намебурд?! Ё баръакс....) Оре! Он шаб ҳазрати Талҳа (р) бисёр нигарону беқарор буд. Ҳамсари фидокору дилсӯзаш, яъне Умми Кулсум, духтари ҳазрати Абубакри Сиддиқ (р), Вақте мутаваҷҷеҳи нигарониву парешнонии ҳамсараш шуд наздик рафта, пурсид: Ё Абумуҳаммад! Туро чи шуда?  Чаро нигаонӣ? Оё аз мо нохушнудӣ? Мо бароят беқарорӣ эҷод кардаем?!

Ҳазрати Талҳа (р) ҷавоб дод: На. (аз ту нохушнуд нестам) ту намунаи як ҳамсари некӯ ва меҳрубон ҳастӣ. Аз аввали шаб дар андеша будам, ки фарде, ки ин ҳама сарвату дороиро дар ихтиёр дорад ва осуда ба хоб меравад. Оё лаҳзае аз Парвардигораш фикр мекунад?! Ҳамсараш гуфт: Чи чизе сабаби бероҳатӣ  ва нигарони шумо мешавад? Магар аз мустаҳиқон, ниёзмандони ақрабо ва дӯстон дурӣ? Ҳамин фардо бирав ва ба ниёзмандон кӯмак кун ва сарвататро байни онҳо тақсим кун.

Ҳазрати Талҳа (р) гуфт: Аҳсанти. Худованд туро мавриди омӯрзиши хеш қарор диҳад, воқеъан ту як ҳамсари намуна ва мӯъмин ҳастӣ! Субҳи он рӯз ҳазрати Талҳа (р) пулро дар кисаҳое рехта, ба сӯи ниёзмандони муҳоҷир ва ансор ба роҳ афтод ва суде, ки ба даст оварда буд, байни бародаронаш тақсим кард ва бо хушҳолии тамом ба манзил баргашт.[18]
Нақл мекунанд, ки марде назди ҳазрати Талҳа (р) омада, ба хотири қаробат ва хешовандӣ тақозои кӯмак кард. Ҳазрати Талҳа (р) фармуд: Аз ин қаробат ва хешовандӣ иттилое надорам, аммо замине дорам, ки Усмон бини Аффон онро ба сесад ҳазор дирҳам аз ман харидорӣ кардааст. Агар моилӣ заминро ба ту мебахшам ва гарна пулашро ба ту медиҳам. Мард гуфт: Агар лутф кунӣ, пули онро мехоҳам.
Ҳазрати Талҳа (р) фавран пули онро омода ва ба он мард бахшид.[19] Ин ҳам намунаи дигаре аз саховат ва ҷуди ҳазрати Талҳа (р) мебошад.

Ҳазарти Ҷобир бини Абдуллоҳ (р) яке аз ёрони гаронқадри Расулуллоҳ (с) дар мавриди саховат ва бахшиши ҳазрати Талҳа (р) чунин фармудааст: Ман ҳеҷ касеро монанди Талҳа надидам, ки бидуни

[18] Суварун мин ҳаётис-саҳоба, саҳ.428.
[19] Табақоти Ибни Саъд ҷилди 3, саҳ. 220.

дархосте аз сӯи мустамандону фуқаро пули зиёде ба онҳо бахшад.[20]

Ҳамчунин дар ин маврид аз ҳазрати Соиб бини Зайд (р) низ манқул аст: Ман бисёре аз авқот дар сафару ҳазар Талҳаро ҳамроҳӣ мекардам. Ба ростӣ касеро дар бахшиши пӯшок, таъом ва дирҳам аз ӯ саховатмандтар надидам.[21]

## *ФАЗОИЛИ ТАЛҲА (Р)*

Дар китобҳои ҳадис ва сират фазоили ҳазрати Талҳа (р) муфассалан зикр шудааст. Мо дар ин ҷо ба чанд намунаи мустанад иктифо мекунем:
Дар "Сунан"-и Тирмизӣ омадааст:

حدثنا ابو سعيد الاشجى حدثنا يونس بن بكير، عن محمد بن أسحاق عن يحي بن عباد بن عبدالله بن الزبير عن ابيه عن جده عبدالله بن الزبير عن الزبير قال: «كان على رسول الله صلى الله عليه وسلم يوم احد درعان، فنهض الى الصخره فلم يستطع فأقعد تحته طلحه فصعد النبى صلى الله عليه وسلم حتى استوى على الصخره، قال:فسمعت النبى يقول» ((أوجب طلحه))

Рӯзи Уҳуд Паёмбар (с) ду зиреҳи ҷангӣ ба тан дошт. Хост аз сахрае (сангӣ бузург) боло шавад , аммо

---
[20] Риҷолу ҳавлир-расул, саҳ.219.
[21] Ҳамон.

натавонист. ( Талҳа Вақте мутваҷҷеҳ шуд) рӯи замин нишаст (то Паёмбар (с) бар пушти ӯ по бигзорад) пас паёмбар (с) болои он сахра рафт. Шунидам, ки Паёмбар (с) фармуд: Талҳа (биҳиштро бар худ) воҷиб кард. [22]

قال ابو عيسى حدثنا قتيبه، حدثنا صالح بن موسى عن الصلت بن دينار، عن ابى نضره قال:قال جابر بن عبدالله سمعت رسول الله صلى الله عليه وسلم يقول: «منْ سرّه أن ينظر الى شهيد يمشى على وجه الأرض، فلينظر إلى طلحه بن عبيدالله».

Ҳазрати Ҷобир бини Абдуллоҳ (р) мегӯяд: Шунидам аз Расулуллоҳ (с), ки фармуд: Ҳар кас мехоҳад аз мушоҳидаи шаҳиде, ки бар рӯи замин роҳ меравад, хушҳол шавад, пас ба Талҳа писари Убайдуллоҳ нигоҳ кунад.[23]

قال أبو عيسى حدثنا عبد القوس بن محمد العطار البصر، حدثنا عمرو بن عاصم، عن إسحاق بن يحي بن طلحه عن عمه موسى بن طلحه قال: ((دخلت على معاويه رضى الله عنه فقال: ألا أبشرك، سمعت رسول الله صلى الله عليه وسلم يقول «طلحه ممن قضى نحبه».

---

22 Тирмизӣ 412/5 боби маноқиби Талҳа, ҳадиси 3759. Равоҳу Ҳоким фи мустадрак, 374/3. Равоҳул- имом Аҳмад фил-Муснад, 165/1. Ибни Саъд фи Табақотиҳил- кубро, 218/3.

23 Ибни Моҷа фи Сунаниҳи, бобу фазоили саҳоба, ҳадис 125. Тирмизӣ 412/5, ҳадиси 3760.

Мўсо фарзанди Талҳа гуфт : Рўзе назди Муъовия (р) рафтам, гуфт: Оё ба ту муждае надиҳам ? Шунидаам аз Расули акрам (с) ки фармуд: Талҳа аз ҷумлаи ононест, ки паймон ба сар бурдаанд.[24]

قال أبو عيسى حدثنا أبوبكر كريب حدثنا يونس بن بكير، عن طلحة بن يحي عن موسى و عيسى ابنى طلحة، عن أبيها طلحة: «أن أصحاب رسول الله صلى الله عليه وسلم قالوا لأعرابى جاهل سله عن من قضى نحبه، من هو؟ و كانوا لا تجترئون على مسألته، يوقرونه و يهابونه، فسأله الأعرابى فأعرض عنه، ثم سأله فأعرض عنه، ثم أنا اطلعت من باب المسجد و على ثياب خضر فلما رآنى النبى صلى الله عليه وسلم قال: «أين السائل عمن قضى نحبه؟ قال الأعرابى: أنا يا رسول الله صلى الله عليه وسلم ! فقال رسول الله صلى الله عليه وسلم: هذا ممن قضى نحبه».

Рўзе ёрони Расулуллоҳ (с) ба бодиянишини бесаводе гуфтанд, ки аз Расули акрам (с) дар бораи “قضى نحبه” “паймон ба сар бурдагон” суол кун чи касоне ҳастанд? Асҳоб худ аз пурсидан шарм доштанд, зеро ҳамвора адаби ҳузури Паёмбарро риъоят мекарданд. Бодиянишин аз Паёмбар (с) суол кард, Паёмбар (с) аз ҷавоб додан худдорӣ намуд. Ин корро то се бор такрор кард. Дар ин лаҳза ман аз дари масҷид ворид шудам, дар ҳоле, ки

[24] Тирмизӣ 413/5 , бобу маноқиби Талҳа ва Китобут-тафсир, саҳ.136.

либоси сабзранг ба тан доштам. Паёмбар (с) ба маҳзи ин ки маро дид, фармуд: Суолкунанда куҷост? Марди бодиянишин ҷавоб дод: Ё Расулаллоҳ (с)! Ман ҳастам. Расули акрам (с) фармуд: Ин мард аз "قضى نحبه"[25] "паймон ба сар бурдагон" мебошад.[26]

---

[25] Манби собиқ, Китобул маноқиб, саҳ.413 ва Китобут-тафсир саҳю136.

[26] Ишора баояи 23-юми сураи Аҳзоб, ки мефармояд: Дар миёни мўъминон мардоне ҳастанд, ки бо Худо рост будаанд дар паймони бо Ў бастаанд. Бархе паймони худ ба сар бурдаанд (ва шарбати шаҳодати сар кашидаанд) ва бархе низ дар интизоранд) то ки тавфиқ рафиқ мегардад ва ҷонро ба ҷонофарин таслим хоҳанд кард.) онҳо ҳеҷ гуна тағйир ва табдиле дар аҳдупаймони худ надодаанд. (ва камтарин инҳироф ва тазалзуле дар кори худ накрдаанд.)

## *ЗУБАЙР (Р)*
## *ҲАВВОРИИ РАСУЛУЛЛОҲ (С)*

Касе, ки Расулуллоҳ (с) дар бораи ӯ фармуда: «Падару модарам фидоят бод!»

## *НОМ, НАСАБ ВА КУНИЯИ Ӯ*

Зубайр писари Аввом бини Хувайлид бини Асад бини Абдулуззо бини Қусай бини Килоб бини Мурра бини Каъб бини ..... аст .

Кунияи эшон АбуАбдуллоҳ ва Абутоҳир буда, ки бештар ба Абуабдуллоҳ маъруф буд.[27]

Модараш Сафия духтари Абдулмуталлиб ва аммаи Расулуллоҳ (с) мебошад, яъне ҳазрати Зубайр (р) писараммаи Расули акрам ва бародарзодаи ҳазрати Хадиҷа ҳамсари гаронқадри Паёмбар (с) аст.[28]

Ҳазрати Зубайр (р) ҳудуди 28 сол қабл аз ҳиҷрати Расули акрам (с) дар Маккаи Мукаррама чашм ба ҷаҳон кушод. Вақте ба оғӯши Ислом омад камтар аз бист сол дошт.

Ҳишом бини Урва мегӯяд: Зубайр Ислом овард дар ҳоле, ки ҷавони понздаҳсола буд. Аммо Урва

---

[27] Асд-ул-боға, ҷилди 2, саҳ 102.

[28] Ҳамон.

мегӯяд: Зубайр дар синни дувоздаҳсолагӣ мушарраф ба Ислом шудааст.[29]

Ба ҳар ҳол ҳазрати Зубайр (р) дар ҳоле, ки дар авҷи навҷавонӣ буд, нури тавҳид ва ягонагии Худованд дар қалбаш тобидан гирифтва ӯро ба сӯи яктопарастӣ ва ишқ ба маъбуди ягона фарохонд ва тақрибан чаҳорумин ё панҷумин фарде буд, ки дар сафи ёрони Расулуллоҳ (с) даромад.

Дар Ислом овардани ҳазрати Зубайр (р) низ нақши умда ва асосиро ҳазрати Абубакр (р) бозӣ кард, Абубакр (р), ки ҳеҷ кас дар садоқаташ шак надошт. Абубакре, ки бо имони устувораш мушрикону кофиронро ба ларза оварда буд, ба суръат мусалмон шуданаш бар фикру андешаи ҷавонони Макка асар гузошт ва афроде чун Талҳа ва Зубайр натавонистанд аз роҳу хати Абубакр, ки ӯро ба хубӣ мешинохтанд, рӯ гардон шаванд.

## *БОЗТОБИ МУСАЛМОН ШУДАНИ ЗУБАЙР (Р)*

Расули акрам (с) бо даъвати ҳакимонаи хеш қалбҳои ҷавонҳоро мусаххар мекард ва пас аз муддати андаке онҳоро ба фидоиёни хеш мубаддал месохт. Ба тавре, ки ҳамон ҷавоне, ки то дирӯз дар айшу нӯш ва роҳатию мастӣ ба сар мебурд, лаҳзае

---

29 Ҳамон.

наметавонист аз рахти хоби нарму гарм ва духтарони зеборӯ дур шавад, ҳозир мешуд ҳар навъ шиканҷаю озореро ба шарти ҳамроҳӣ ва ҳам нишинии Расулуллоҳ (с) таҳаммул кунад. Ба ростӣ баробари ин сирри бузург тамоми равоншиносон ва андешмандони ғайри исломӣ ба зону даромада, саргардону ҳайрон мондаанд, ки ин чи ҷозиба ва нерӯест, ки дар садри Ислом ва ҳамчунин имрӯз ҷавононеро дар авҷи рифоҳ ва осоиши дунявӣ ба худ ҷазб менамояд. Он гуна, ки ҳеҷ чизе ва ҳеҷ маломате аз тарафи дигарон муҳим нест. Ҳазрати Зубайр (р) низ яке аз ин ҷавононест, ки дар авҷи навҷавононӣ шефтаи Расулуллоҳ (с) шуд. Ба ҳамин ҷиҳат аз азият ва озору шиканҷаи қавмаш дар амон намонд. Ҳазрати Зубайр (р) ба сабаби ишқу алоқаи шадиде, ки ба Аллоҳ ва Расулуллоҳ (с) пайдо карда буд, наметавонист исломи хешро махфӣ кунад.

Рӯзе дар Макка шоеъ (овоза) шуд, ки куффор Расулуллоҳ (с)-ро дастгир кардаанд. Он замон теъдоди мусалмонон бисёр андак ва ангушт шумор буд. Ҳазрати Зубайр (р) ба маҳзи шунидани ин хабар шамшер кашида, ба сӯи сарони Қурайш ҳамлавар шуд. Расулуллоҳ (с) ҳангоме, ки бар баландои Макка буд, Зубайрро дид, ки шамшер дар даст ҳаракат мекунад, ӯро садо зад ва гуфт: Молик ё Зубайр? Туро чи шудааст Зубайр? Ҳазрати Зубайр

(р) ҷавоб дод: Ба ман хабар расида, ки шуморо гирифтааанд. (Паёмбар (с) Вақте ин ишқу исорро мушоҳида намуд) бар Зубайр дуруд фиристод ва барои ўву шамшераш, ки ба хотири Худованд аз ниём кашида шуда буд, дуои хайр кард.[30]

Ин амр муҷиб шуд, ки хонавода ва атрофиёнаш бештар хашмгин шаванд ва барои мунсариф кардани Зубайр аз роҳе, ки дар пеш гирифта, аз ҳеҷ иқдоме дареғ наварзанд. Ибтидо аз дари сухан ва насиҳат ворид шуданд, Вақте инро корсоз надонистанд, шурўъ ба азият ва озору шиканҷа карданд. Намунае аз ин шиканҷаҳо ин буд, ки амуяш Навфал ўро дар ҳасире печида, дар маърази дуд қарор медод, то эҳсоси хафагӣ кунад, то шояд ба хотири ҳифзи ҷон ва наҷоти хеш даст аз оинаш бардорад. Навфали бечора ғофил аз ин ки ин ҷавон ва ин шефтагони Худову Расул (с) дунё ва зиндагии дуняviро дар муқобили биҳишт ва ваъдаҳои Худованд тарҷеҳ намедиҳанд. Ба ў мегуфт: Укфур бирабби Муҳаммад! Ба Парвардигори Муҳаммад кофир шав! Муҳаммад ва худояшро раҳо кун! Аммо Зубайри қаҳрамон ва ин ҷавони мубориз бо истиқоматаш дар муқобили шиканҷаҳо дарси ихлосро барои ҷавонони асри хеш ва ҷавонони асрҳои баъдина дод ва фармудў «لا والله لا اكفر ابداً»

---

[30] Асд-ул- ғоба, ҷилди 2, саҳ 103.

Қасам ба касе, ки ҷони ман дар қабзаи қудрати ӯст, ҳеҷ гоҳ ба куфр бар намегардам, даст аз ин тавҳид ва яктопарастӣ бар намедорам.[31]

Модараш низ бар шиканҷаҳои ӯ меафзуд ва ба кӯмаки амуяш мерафт. Ба ин умед, ки битавонад ин лакаи нангро, ба қавли худашон, аз хонавода ва қабилаашон бизудоянд. Аммо ҳамеша ҳақ пирӯз аст. Ҳамеша истиқомати бузургмардон сарони куфр ва илҳодро ба ларза даровàрда, онҳоро дар муқобили ин ҳама шуҷоат, истиқомат ва исор ба зону дар меовард.

Ва ин ҳақиқатест, ки бояд имрӯз низ сарони кишварҳои куфр бидонанд. Имрӯз низ ҷавони мактаби Расулуллоҳ (с) омодаи таҳаммули ҳар навъ сахтию ранҷ ба хотири ҳифз ва иҷрои авомири илоҳӣ ва эҳёи суннатҳои маҳбуби ҳиҷозӣ (с) ҳастанд. Оре! Афродро метавон бо шиканҷа ва зиндон аз байн бурд ва ё асир кард, аммо андешаро наметавон террор кард, андешаро наметавон пушти милаҳои зиндон нигаҳ дошт.

---

[31] Риҷолу ҳавлир-расул, саҳ.224.

## *ВИЖАГИҲОИ ҲАЗРАТИ ЗУБАЙР (Р)*

## *АВВАЛИН ШАМШЕРЗАНИ ИСЛОМ*

Ҳамон тавре, ки бахши бозтоби мусалмон шудани Зубайр (р) ишора шуд, ҳазрати Зубайр (р) ба хотири ишқу фаровон ба Расулуллоҳ (с) ва низ ба далели шуҷоат ва ихлосе, ки дошт, Вақте хабари дастгир ва қатли Паёмбар (с)-ро шунид бедаранг даст ба шамшер бурд ва барои рӯёрӯи бо сарони куфр ва ширк ба сӯи онон ҳаракат кард. Дар ин лаҳазот буд, ки Худованди субҳон ин кори ҳазрати Зубайр (р) ва ин садоқат ва шуҷоату исори ӯро писандид Ҷабраилро маъмурият дод, то саломе дуруди Худовандро тавассути Расулаш (с) ба Зубайр (р) бирасонад. Расулуллоҳ (с) Зубайрро фаро хонд ва ба ӯ итминон дод, ки ҳоли муборакаш хуб аст. Сипас фармуд: Ҷабраил (а) ташриф оварда, фармудааст:

«إن الله يقرئك السلام و يقول لك اقرأ مني على زبير السلام، و بشره أن الله أعطاه ثواب كل من سل سيفاً فى سبيل الله منذ بعث الى أن تقوم الساعة من غير أن ينقص من أجورهم شيئاً، لأنه أول من سل فى سبيل الله»

«Эй Муҳаммад! Ба ростӣ, ки Худованд бар ту дуруду салом фиристода, мефармояд: Саломе дуруди маро ба Зубайр бирасонед ва ба ӯ мужда

диҳед аз имрӯз то қиёмат ҳар он кас, ки ба хотири Худо шамшер бикашад (ва барои ҳифзу нашри дин талош кунад) савобаш ба Зубайр низ мерасад, бидуни ин ки аз савоби он шамшерзан ва муҷоҳид чизе коста шавад. Ва ин фазлу бузургӣ ба сабаби ин аст, ки ӯ (Зубайр) аввалин касе, ки дар роҳи Худо ва ба хотири ризои ӯ шамшерашро аз ниём кашида (ва омодаи мубориза бо душманони дин шуд.)»[32]

### *МУБОРИЗИ БУЗУРГИ НАБАРДИ БАДР*

Яке аз рӯзҳои муҳим ва ба ёдмондании садри Ислом рӯзи воқеаи Бадр аст. Ҳамон рӯз, ки ҷанги нобаробаре дар ҳоли вуқӯъ буд ва Расулуллоҳ (с) ба ҳамроҳии 313 тан аз ёрони гаронқадраш мебоист дар муқобили лашкаре, ки аз назари таҷҳизот ва омодагии низомӣ бар сипоҳи Расулуллоҳ (с) бартарӣ дошт вориди маъракa шаванд. Ба ростӣ бисёр сахт ва тоқатфарсо буд, аммо Расулуллоҳ (с) таваҷҷӯҳашро аз асбоби зоҳирӣ қатъ намуда, ба Холиқи ғолибу тавоно рӯй овард ва аз ӯ нусрату кӯмак талаб кард. Расулуллоҳ (с) бо чашмони пур аз ашк, бо дили пур аз сӯз даст ба дур бардошт ва фармуд: Бор илоҳо! Агар имрӯз ин мусалмонҳоро нусрат нафармоӣ, чи касе Исломро ба дигарон

[32] Риёзун-назра, ҷилди 2, саҳ. 232.

бирасонад? Агар имрӯз инҳо қатли ом шаванд, Ислом аз байн меравад... теъдоди мусалмонон дар он вақт фақат ҳамин афроде буданд, ки дар Бадр ҳузур доштанд. Ба изофаи чанд нафаре, ки ба ҷоҳои дигаре рафта буданд. Парвардигори ҷаҳониён дуои Паёмбарашро иҷобат намуд ва бо лашкариёни хеш лашкари Исломро дар Бадр тақвият ва ёрӣ  кард:

إِذۡ تَسۡتَغِيثُونَ رَبَّكُمۡ فَٱسۡتَجَابَ لَكُمۡ أَنِّي مُمِدُّكُم بِأَلۡفٖ مِّنَ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةِ مُرۡدِفِينَ ٩

[الأنفال]

«Эй мӯъминон ба ёд оред замонеро, ки (дар майдони корзори Бадр аз шиддати нороҳатӣ) аз Парвардигори хеш дархости кӯмак ва ёрӣ ва ӯ дархости шуморо пазируфт, ( ва гуфт): ман шуморо бо як ҳазор фаришта кӯмаку ёрӣ медиҳам, ки ин гурӯҳти ҳазор нафарӣ гурӯҳҳои мутаъаддиди дигареро пушти сар доранд.[33]

وَلَقَدۡ نَصَرَكُمُ ٱللَّهُ بِبَدۡرٖ وَأَنتُمۡ أَذِلَّةٞۖ فَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ لَعَلَّكُمۡ تَشۡكُرُونَ ١٢٣ إِذۡ تَقُولُ لِلۡمُؤۡمِنِينَ أَلَن يَكۡفِيَكُمۡ أَن يُمِدَّكُمۡ رَبُّكُم بِثَلَٰثَةِ ءَالَٰفٖ مِّنَ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةِ مُنزَلِينَ ١٢٤

[آل عمران]

«Ва Худованд шуморо дар (ҷанги) Бадр пирӯз гардонид ва ҳол он ки (нисбат ба кофирон) ночиз (ва аз шумори андаке бархурдор) будед,  пас аз Худо

---

[33] Анфол, 9.

битарсед , то шукри (неъмати) ӯро битавонед ба ҷо биёваред. Бадон гоҳ, ки ту ба мӯъмино мегуфтӣ: Оё шуморо басанда нест, ки Парвардигоратон бо се ҳазор аз фариштагон фиристода (аз сӯи хеш барои оромии хотиратон) ёриатон кард?» [34]

Бо ин тавсифи мухтасар аҳамияти ҷанги Бадр ва мақому манзалати афроде, ки дар он ширкат доштанд, зоҳир гашт. Худованди субҳон ба сабаби аҳамияти ҳузур дар чунин маъракае, ки ба ростӣ фақат имони қавӣ ва ишқ ба Расулуллоҳ (с) буд, ки одамонро дар он ҷо нигаҳ медошт, аз тамоми аҳли Бадр эъломи ризоият намуд, ва ба онҳо ваъдаи ғуфрон, бахшиш ва биҳиштро дод.

Сипоҳи Ислом дар ин ҷанг ҳафтод шутур ва ду асп (ҳафтоду савораи низомӣ) дар ихтиёр дошт, ки ба дастури Расулуллоҳ (с) аспҳоро ба ҳазрати Зубайр (р) ва ҳазрати Миқдод (р) вогузор карданд, то ин ду мубориз ва диловар росту чапи лашкарро бипоянд.

Ҳазрати Зубайр (р) дар ин ҷанги сарнавиштсоз рашодатҳо ва ҷонфишониҳоеро аз худ нишон дод, ки мавриди қабули Парвардигори ҷаҳониён воқеъ шуд ва Худованд малоикаро бо ҳамон шакл ва симои ҳазрати Зубайр (р) ба майдони ҷанг эъзом намуд. Ва ин масъала нишонаи мақбулияти ҳазрати Зубайр (р) аст ва яке аз бузургтарин ифтихороте аст,

---

[34] Оли Имрон, 123-124.

ки насиби ин бузургмарди таърих шудааст. Ибни Асир дар “Асад-ул-ғоба” менависад:

شهد الزبير بدراً و كان عليه عمامة صفراء معتجزاً بها، فقال النبى رضى الله عنه

«إن الملائكه نزلت يومئذ على سيماء الزبير».

Ҳазрати Зубайр (р) дар маъракаи Бадр ҳузур дошт, дар ҳоле, ки аммомаи зардрангро бар сараш баста буд. Паёмбар (с) фармуд: Ба ростӣ имрӯз фариштагон бо шаклу симои Зубайр дар ин маърака ҳозир шуданд.[35]

## *ҶАНГИДАН ДАР РИКОБИ РАСУЛУЛЛОҲ (С)*

Ҳазрати Зубайр (р) дар тамоми ҷангҳои Паёмбар бо куффор ва мушрикин Расулуллоҳ (с)-ро ҳамроҳӣ мекард. Аз он ҷумла: Бадр, Уҳуд, Хандақ, Ҳудайбия, Хайбар, Фатҳи Макка, Ҳунайн ва Тоиф. Дар ҷанги Аҳзоб низ ҳазрати Зубайр (р) тавонист ифтихор ва имтиёзи дигареро касб намояд. Дар яке аз набардҳо Расулуллоҳ (с) фармуд: Чи касе ҳозир аст ба назди душмани мо Бани Қурайза биравад ва иттилоъотеро бароямон ҷамъоварӣ кунад? Ҳазрати Зубайр (р) фавран ҷавоб дод: Ё Расулаллоҳ (с)! Ман бо ҷону дил ҳозирам! Сипас эшон рафта аз

[35] Асд-ул- ғоба, ҷилди 2, саҳ 104.

мавқеъият ва вазъияти неруҳои душман иттилоъотеро барои Расулуллоҳ (с) овард. Ин амалро то се бор анҷом дод. Сипас Паёмбар (с) фармуд: "!فداك ابی و امی" Падару модарам фидоят бод!

Ба ростӣ ин имтиёз ва ифтихори бузурге аст барои шахсе, ки ин ҷумла аз ҷониби Расулуллоҳ (с) хитоб ба ӯ гуфта шавад. Расулуллоҳ (с) ин ҷумларо (فداك ابی و امی) дар ҷанги Уҳуд низ ба иллати рашодатҳо ва фидокориҳои Зубайр (р) фармуда буданд.

## *АЛОҚА ВА МУҲАББАТИ РАСУЛУЛЛОҲ (С) БА ҲАЗРАТИ ЗУБАЙР (Р)*

Чунон ки қаблан зикр шуд Расулуллоҳ (с) алоқа ва муҳаббати бисёр зиёде нисбат ба ҳазрати Зубайр (р) доштанд. Бар асари муҳаббати беш аз ҳад чандин бор ба эшон хитоб кард: (فداك ابی و امی) Падару модарам фидоят бод! Ин ношӣ аз муҳаббати вофири Паёмбар (с) нисбат ба ин шогирди ҷавон ва рашидаш мебошад.

## *ЧИ КАСЕ ҲОЗИР АСТ ДАР МУҚОБИЛИ ОВАРДАНИ ЧАСАДИ ХУБАЙБ БИҲИШТРО БИХАРАД?*

Куффори Қурайш дар тавтиаи ваҳшиёна бисёре аз асҳоб и Расулуллоҳ (с)-ро ба қатл расониданд. Яке аз ҳамин азизон, шогирди мактаби муҳаммадӣ, ҳазрати Хубайб бини Адӣ, буд. Вақте куффори Қурайш ӯро дастгир карданд, тасмим ба эъдом ва ба дор овехтани эшон гирифтанд, то бо ин кор дар дили аҳли Макка, ки қасди пайвастан ба Муҳаммад (с)-ро доранд, эҷоди тарсу ваҳшат кунанд. Мушрикон ҳазрати Хубайб (р)-ро ба Танъим ва ӯро ба дор овехта ва чиҳил шабонарӯз ҷасадашро овехта бадор боқӣ гузоштанд. Аз он ҷое, ки мушрикон медонистанд мусалмонон тоби дидан ва шунидани чунин воқеаеро надоранд, хостанд ин қазия тулонӣ шавад. Барои ҳифозат аз ҷасади ҳазрати Хубайб (р) бар рӯи дор атрофаш ҷамъи касире аз нигаҳбонҳоро гузошта буданд, то касе ҷуръат накунад ба он наздик шавад. Ҳангоме, ки Расули акрам (с) аз ин моҷаро иттилоъ ёфт бисёр нороҳат шуд ва фармуд: Эй асҳоб! Чи касе ҳозир аст биҳиштро барои хеш омода кунад ва дар муқобил ҷасади Хубайбро ба Мадина биёварад? Ҳазрати Зубайр (р) ҳамеша дар чунин корҳо пешгом буд, фармуд: “Ё Расулаллоҳ ман ва

ҳамразмам Миқдод барои ин маъмурият ҳозирем.” Паёмбар (с) аз иқдоми Зубайр (р) масрур гашт ва ин ду муборизи барои маъмурияти бисёр хатарнок ба сӯи Макка рикоб заданд. Дар бадави вуруд мушоҳида карданд, ки гирди ҷасади ба дор овехтаи

Хубайбро сарбозоне аз Қурайш иҳота карда, бо диққат атрофашро зери назаорат доранд. Билохира бо зиракии тамом шабона ҷасади ҳазрати Хубайб (р)-ро поён оварда, ба аспи худ савор карданд ва босуръат аз Макка дур шуданд. Субҳдам афроди душман ба таъқиби Зубайр ва Миқдод пардохтанд ва онҳоро дар хориҷи Макка мутаваққиф карданд. Ҳазарти Зубайр (р), ки ҷасади солиму хушбӯи ҳазрати Хубайбро ҳамл мекард, ба маҳзи иттилоъ аз расидани афроди душман ҷасадро ба замин гузошт ва бо лаҳни ҳайбатнок ҳамчун Форуқи Аъзам (р) фармуд: « Оҳой қурайшиҳо! Чи гуна ҷуръат кардед, ки моро таъқиб кунед, магар намедонед ман Зубайр ибни Авом ва Миқдод ибни Асвад ду муборизи ҷонбаркафи Расулуллоҳ ҳастем. Пас роҳи худро гирифта, баргаред, вагарна бо шумо ҷанг менамоем.”

Суханони оташини ҳазрати Зубайр (р) сарбозони беимону иёши куффорро мутазалзил карда, бо сарафкандагии тамом аз ҷангидан мунсариф шуданд. Дар ин лаҳазот буд, ки замин ба

амри Худованди субҳон шикофта шуд ва ҷисми мубораки ҳазрати Хубайбро балаъид[36]. Вақте ҳазрати Зубайр (р) ва ҳазрати Миқдод (р) назди Расули Акрам (с) омаданд ва гузориши воқеаро ироа карданд, Паёмбар (с) фармуд: "Ҳамин ҳоло Ҷабраил ташриф оварда фармуд: Фариштагони осмону замин ба ин ду ёри фидокори ту ифтихор мекунанд"[37]

Ин ҳам яке аз бузургтарин ифтихороти ҳазрати Зубайр (р) ба ҳисоб меравад.

## *ТАҚВО ВА САХОВАТИ ҲАЗРАТИ ЗУБАЙР (Р)*

Парваришёфтагони донишгоҳи Муҳаммадӣ (с) ҳамагӣ афроде буданд, ки рағбати онон ба Худову Расулаш (с) ва зиндагии охират аз ҳама чиз бештар буд. Ба ҳамин ҷиҳат тамоми талошашонро дар роҳи дуруст зиндагӣ кардан дар сояи Қуръон ва таолими Расули Акрам (с) ба кор гирифтанд. Дар муошират ва муомилаашон тақвову тарси илоҳиро риоят мекарданд ва ҳеҷ гоҳ дар садади он набуданд, ки аз роҳи номашруъ имрори маъош кунандва ва ё ба сарватандӯзӣ рӯй биёваранд.

---

[36] Тафсили ин ҳикоятро дар китобҳои сират мутолиа кунед, Сирати Мустафо (с), Мавлоно Муҳаммадидриси Кондеҳлавӣ ва ғайра.
[37] Риёзун-назра ҷилди 2, саҳ. 237.

Саховат ва бахшиш аз авсофи ҳамидаи тамоми ёрони Расулуллоҳ (с) буд. Намунае аз ин исор ва фидокорӣ, сахову худро дар намоиши дилангез ва дилрабои аҳли Мадина дар ҳини истиқбол аз ёрони Набии Акрам (с) мушоҳада кардем. Ҳамон рӯзе, ки Паёмбари Худо (с) дастур дод ҳар фарде аз аҳли Мадина фарде аз Маккаро дар оғӯш бигирад ва бо амволаш ӯро кӯмак кунад. Дидем, ки чи зебо ансор амволашаонро ба камоли майлу рағбат бо бародарони муҳоҷирашон тақсим менамуданд ва аз он сӯ низ шоҳиди намоиши иззати нафс, қаноат ва бузургманишинии муҳоҷирин будем, ки чашми тамаъ ба амволи бародаронашон намедӯхтанд. Кист, ки ин саҳнаҳои бо шукӯҳеро, ки ёрони Расулуллоҳ (с) ба вуҷуд овардананд фаромӯш намояд!?

Ҳазрати Зубайр (р) ҳамчун бақияи шогирдони Расулуллоҳ (с) дорои табъи саховатмандона буд. Эшон чун дар кори тиҷорат ва бозаргонӣ чирадаст буд. Сарвату дороии зиёдеро дар ихтиёр дошт, ки аксари онро дар роҳи иътилои калиматуллоҳ сарф менамуд.

Абдуллоҳ ибни Зубайр мефармояд: “Падарам бозаргони моҳир ва хушмуомилае буд, дар кори бозаргонӣ муваффақ буд. Аз ӯ пурсиданд чи гуна ба ин дараҷа расидаӣ? Ҷавоб дод: Муомилаи ман ҳеҷ

тавъам бо макру фиреб набуда, ба суд ва даромади андак қаноат мекардам."[38]

Ногуфта намонад, ки чун ҳазрати Зубайр (р) яке аз муҷоҳидони бузург буд. Ҳамеша саҳми бузурге аз ғаноими ҷангӣ низ ба эшон тааллуқ мегирифт. Аммо оё эшон ва дигар асҳоб машғули зарандӯзӣ буданд? Ҳазрати Зубайр (р) ҳар вақт пуле ба дасташ мерасид, сареъан ба фуқаро ва ниёзмандон мебахшид ва худ бо қаноат зиндагӣ мекард.

Аллома Кондеҳлавӣ дар «Ҳаёт-ус-саҳоба" нақл мекунад:

"Ҳазрати Зубайр (р) ҳазор ғулом дошт ва аз ин роҳ пули калоне ба дасташ мерасид, аммо ҳамин ки пуле ба дасташ меомад фавран онро байни фуқаро тақсим мекард. Ба тавре ки вақте ба манзилаш мерасид ҳеҷ дирҳаме барояш боқӣ намонда, ҳамагиро садақа дода буд."[39]

## *МУРУРЕ БАР ФАЗОИЛИ ҲАЗРАТИ ЗУБАЙР (Р)*

Мусалламан наметавон дар ин навиштаи мухтасар тасвири комиле аз ин ҳама фазлу бузургвории ҳазрати Зубайр (р) ироа намуд, аммо барои намуна Фақат чанд ривоят нақл мекунем:

---

[38] Суварун мин ҳаётис-саҳоба, саҳ.328.

[39] Асд-ул- ғоба, ҷилди 2, саҳ 104 ва Ҳаётус-саҳоба, ҷилди 2, саҳ .236.

Имом Тирмизӣ мефармояд:

حدثنا احمد بن منيع حدثنا معاوية بن عمرو حدثنا زائده عن عاصم عن زر عن على بن ابى طالب قال: قال رسول الله صلى الله عليه وسلم: «أن لكل نبى حوارياً و إن حوارى الزبير بن عوام»

Ҳазрати Алӣ (р) ривоят мекунад, ки Ҳазрати Паёмбар (с) фармуданд: «Ҳар паёмбар барои худаш "ҳавворӣ"дорад ва ҳавворин ман Зубайр ибни Авом аст."[40]

حدثنا هناد حدثنا عبده عن هشام بن عروه عن أبيه عن عبدالله بن الزبير عن الزبير قال: «جمع لى رسول الله صلى الله عليه وسلم ابويه يوم قريظة فقال: «بأبى و أمى»

Ҳазрати Зубайр (р) фармуд: "Паёмбар (с) дар рӯзи ҷанги бани Қурайза ба ман фармуд: "Падару модарам фидоят бод! "[41]

حدثنا محمود بن غيلان حدثنا أبو داود الحضرى و أبو نعيم عن سفيان عن المنكدر عن جابر قال: سمعت رسول الله صلى الله عليه وسلم يقول: «إن لكل نبى حوارياً و أن حوارى الزبير بن عوام» و زاد ابو نعيم فيه يوم الاحزاب، قال: من يأتينا بخبر القوم؟ قال الزبير: أنا، قالها ثلاثاً. قال الزبير: أنا»

Ҳазрати Ҷобир (р) фармуд: Аз Расули Акрам (с) шунидам, ки фармуд: "Ҳар паёмбаре ҳавворӣ дорад ва ҳавворин ман Зубайр аст." Абунаъим бар ин

---

[40] Сунаи Тирмизӣ, ҷилди 5, китоби маноқиб, ҳадиси 3765.

[41] Манбаи собиқ, китоби маноқиб, ҳадиси 3764.

ҳадис инро изофа карда, ки дар рӯзи ҷанги Аҳзоб Паёмбар (с) фармуд: «Чи касе ҳозир аст иттилоотеро аз сипоҳи душман бароямон биёварад? Ҳазрати Зубайр (р) фармуд: Ё Расулаллоҳ (с) ман ҳозирам. Паёмбар (с) ин фармоишро то се бор такрор намуд ва ҳар се бор Зубайр эъломи омодагӣ мекард. Паёмбар (с) фармуд: Падару модарам фидоят бод!”[42]

Ҳазрати Умари Форуқ (р) дар мавриди ҳазрати Зубайр (р) мефармояд:

الزبير من أركان المسلمين

Зубайр яке аз пояҳо ва аркони Ислом ва муслимин аст.” Ва дар “Ал-асоба” бо тағйири алфоз омадааст: “(الزبير من أركان المسلمين).”

Ҳазрати Зубайр (р) ин ҳаввории Расулуллоҳ (с) бар паймону равиши Паёмбар собит монд ва ҳамвора гуфтору кирдораш яке буд. Ӯ роҳу равиши Паёмбар (с)-ро ба хубӣ гирифт, бо соҳибони ҳақ дустӣ ихтиёр кард, ба ростӣ ҳақ муносибтарин шева аст. Зубайр шаҳсавори номдор ва муҳоҷими рӯзҳои набард аст. Ӯ хешовандии наздик бо Паёмбар (с) буда, ҳамчунин дар ёрӣ расонидан ва тақвияти сипоҳи Ислом саҳми бузурге дорад. Чи азияту озорҳоеро бо шамери

[42] Манбаи собиқ, китоби маноқиб, ҳадиси 3766.

буррандааш аз Паёмбар (с) зудуд. Парвардигор подоши бисёр некӯиҳои ӯро диҳад. Ҳар вақт дар гӯшае ҷанг дар мегирифт, Зубайр бо пештозиаш ба сӯи шаҳодат оташи ҷангро шӯълавар месохт. Ба ростӣ монанди ӯ дар миёни он қавм нест ва набуда, то вақте кӯҳи Язбул побархост, замона монанди ӯро нахоҳад дид.

## *ФАЗОИЛ ВА ВИЖАГИҲОИ ҲАЗАРОТИ ТАЛҲА ВА ЗУБАЙР (Р)*

Ин ду саҳобаи Расулуллоҳ (с) ба қадре бо ҳам иртиботашон наздик ва самимӣ буд, ки ҳар номи яке аз ин бузурговорро бибарем худ ба худ номи дигаре дар зеҳн меояд, монанди Мӯсо ва Ҳорун (а) хамеша дар канори хам буданд ва бохам ба ҷойгоҳи вижа дар Ислом ва байни муслимин даст ёфтанд. Баростӣ чи зебост ду ҷавони рашид ва ду дӯст, даврони ҷавонии хешро дар ҳамроҳӣ ва мусоҳибати Расулуллоҳ (р) басар бибаранд. Оё метавон аз ин фазилат ва ифтихор чизе болотар ва муҳимтар ёфт. Ҳамон тавр, ки дар бахши валодат ва исломи ҳардуи ин азизон ишора кардем, ҳарду дар ҷавонӣ (зери 20 сол) ба оғӯши Ислом омаданд, рушду тараққиашон дар Ислом ва дар канори Паёмбар (с) будааст. Ин ду ёри Расулуллоҳ (с) ҳар

чанд фазоил ва манокиб хусусӣ ва фардӣ доштанд, аммо баростӣ дар бисёри аз фазоил муштарак ва хампоя буданд, ки дар инҷо ба баъзе аз онҳо ишора мекунем:

## *ПЕШТОЗОНИ ИСЛОМ*

Ҳазрати Талҳа ва Ҳазарти Зубайр (р) аз он даста даста аз ёрони Паёмбар (с) мебошанд, ки Худованди субҳон аз онҳо эъломи ризоят ва хушнудӣ намуда, ба онон ваъдаи подошҳои бузургро додааст. Чаро ки афроде, ки рӯзҳои аввали зуҳури Ислом ба он гаравидаанд, ба ростӣ аз ҷониби душманони ин дин мавриди азияту озор ва шиканҷа қарор гирифтаанд ва ба сабаби истиқомат ва суботашон, парвардигори оламро хушнуд намудаанд, то ҷое, ки сароҳатан аз онҳо эъломи ризоят фармуд:

**وَٱلسَّٰبِقُونَ ٱلۡأَوَّلُونَ مِنَ ٱلۡمُهَٰجِرِينَ وَٱلۡأَنصَارِ وَٱلَّذِينَ ٱتَّبَعُوهُم بِإِحۡسَٰنٖ رَّضِيَ ٱللَّهُ عَنۡهُمۡ وَرَضُواْ عَنۡهُ وَأَعَدَّ لَهُمۡ جَنَّٰتٖ تَجۡرِي تَحۡتَهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَآ أَبَدٗاۚ ذَٰلِكَ ٱلۡفَوۡزُ ٱلۡعَظِيمُ ١٠٠ [التوبة ١٠٠]**

«Ва пешравони нахустин аз муҳоҷирон ва ансор ва касоне, ки ба некӯкорӣ аз эшон пайравӣ кардаанд (тобеъон), Худованд аз онон хушнуд аст ва онон низ аз Ӯ хушнуданд ва барои онон бӯстонҳое омада

кардааст, ки ҷуйборрон аз фурӯдасти он ҷорӣ аст ва ҷовидона дар онанд. Ин растагории бузург аст»[43]

## *МУҲОҶИРОНИ ИСЛОМ*

Ҳазрати Талҳа ва Зубайр (р) аз ҷумалаи муҳоҷирон ҳастанд, ки ба Мадинаи Мунаввара ҳиҷрат кардаанд. Ҳангоме, ки зулми фишори мушрикони Макка ба авҷ расид мусалмонон ночор шуданд, ки ба Мадина ҳиҷрат кунанд, то ба ин шакл дини хешро ҳифз намоянд. Онон даст аз сарвату дороӣ ва мақоми худ кашиданд ва тамоми инҳоро фидои ҷалби ризояти Худо ва Расулуллоҳ (с) намуданд ва чун дар ин иддаъояшон содиқ буданд, аз ин имтиҳон низ сарбаландона берун омаданд, Худованди субҳон аз ин гурӯҳ низ эъломи ризоят ва хушнудӣ ва ин афроди ба муҳоҷирон[44] машҳур шуданд.

Расули Акрам (с) низ дар аҳодиси зиёде фазоил ва азамати "ҳиҷрат" дар роҳи Худоро баён фармада, тамоми онҳо дар мавриди ҳазрати Талҳа ва ҳазрати Зубайр (р) сидқ мекунанд. Талҳа ва Зубайр ду ёри

---

[43] Тавба, 100.

[44] Ҳамон гуна ки др ояи гузашта ишора шудааст, муҳоҷирин ба он идда мусалмонон гуфта мешавад, ки тамоми сарват ва дороии хешро дар Макка ба ҷой гузошта, ба хотири ҳамроҳии Расулуллоҳ (с) ба Мадина ҳиҷрат кардаанд.

вафодори Расулуллоҳ Худованди субҳон барои шахсияти азими чун Ҳазарти Расули акрам (с), ки охирин ва бузургтарин паёмовари Ӯст, аз миёни бандагонаш беҳтаринҳоро барои ҳамроҳӣ ва ҳамнишиаш баргузид, ки онҳоро истилоҳан "саҳоба" мегӯянд.

Таърифи сода ва умумии "саҳоба"  ин аст, ки фарде дар ҳоли ҳаёт Расуллуллоҳ (с)-ро дида бошад ва ба дини Ислом мушарраф шуда, бо ҳамон вазъ, яъне бо имон аз дунё реҳлат карда бошад. Чунин фардро саҳоба мегӯянд. Ҳарчанд барои лаҳзае дар маҳзари Расули Акрам (с) ҳозир шуда бошад. Афроде, ки ҷузъи ёрони Расулуллоҳ (с) қарор гирифтаанд ва дар роҳи посдорӣ аз Расули Акрам (с), эҳёи дин ва ишоаи он ба дигар нуқот аз худ рашодатҳо ва ҷонфишониҳо нишон доданд. Парвардигори ҷаҳониён аз онон эъломи ризоят намуд ва тафаккуру амали онҳоро писандид, дар муқобил ба онон ваъдаи биҳишт барин иноят фармуд.

Пас касби мақоми "Саҳобии Расулуллоҳ" мақом ва ифтихори бисёр бузург аст, ки насиби ҳазрати Талҳа ва ҳазрати Зубайр (р) гаштааст.[45]

---

[45] Дар мавриди мақом ва манзалати саҳоба аз дидгоҳи Қуръон, суннат ва иҷмоъи мусалмонон китоби арзишманди "Мақоми саҳоба" таълифи Аллома Муфтӣ Муҳаммадшафеи Усмонӣ ва тарҷумаи мавлоно Абдурраҳмон Сарбозӣ муроҷиа шавад.

## *ТАЛҲА ВА ЗУБАЙР СИТОРАГОНИ ОСМОНИ ҲИДОЯТ*

Шогирдрони Паёмбари Акрам (с), ки саропои вуҷудашон ишқу осор, тақво ва ихлос буд. Чунон хулқу хуйи Рсулуллоҳро ба худ гирифта буданд, ки агар касе ба Мадинаи Мунаввара ворид мешуд ва ё дар маҷлисе, ки асҳоб ва Паёмбар (с) ҳузур доштанд меомад, наметавонист ташхис диҳад кадом як Расулуллоҳ (с) бошад. Ба қавли Мавлонои Рум (р) "Гӯӣ пайғамбаристон аст".

Расулуллоҳ (с) вақте, ки мутмаин буд, ки шогирдонаш метавонанд кори ӯро бо хубӣ ва наҳви аҳсан анҷом диҳанд. Фармуд:

«أصحابی کالنجوم فبأيهم إقتديتم اهتديتم»

«Ёрон ман (ва тарбиятёфтагони мактаби ман) ҳамчун ситорагоне ҳастанд дар осмони ҳидоят. Ба ҳар кадом аз онҳо иқтидо кунӣ ҳидоят хоҳӣ ёфт»

Паёбар (с) дар ин ҷо ҳеҷ истисное ба кор набурд ва нафармуд фақат фалонӣ ва фалонӣ, балки тамоми ёронам. Ин ифтихори бузург насиби Талҳа ва Зубайр (р) низ мебошад, ки ба гуфтаи Расулуллоҳ (с) онҳо ситорагони осмони ҳидоят ҳастанд ва мояи наҷоти ҷомеаи башарият.

## *ИФТИХОРОФАРИНОНИ ҒАЗАВОТ*

Ҳазрати Талҳа ва ҳазрати Зубайр (р) дар тамоми ғазавот Расулуллоҳ (с)-ро ҳамроҳӣ карданд ва бо исоргариҳои ҷонфишониҳояшон дар роҳи Ислом, баргҳои зарринеро дар таърихи мубориззоти Ислом алайҳи куфр сабт кардаанд. Кадом таърихнигор мунсифе аст, ки битавонад аз Уҳуд бинависад ва саҳнаҳои исор ва гузашти Талҳа (р)-ро фаромӯш намояд. Кадом сиратнигори бо инсоф аст, ки дар мавриди Бадр бингорад ва тасовири ишқу исори ҳазрати Зубайр (р) барои хонандагонаш ба тасвир накашад.

Оре! Ҳазрати Талҳа ва ҳазарти Зубайр (р) ҳар ду дар тамоми ҷангҳо ҳузур доштанд. Ва мардоне дар рикоби Расулуллоҳ (с) барои эътилои калиматуллоҳ меҷангиданд, то ҷое ки ҳар ду дар ин саҳнаҳои мубориза ва унвонҳои ифтихориро ҳамчун “Талҳат-ул-хайр”, “Талҳат-ул-ҷуд”, “Фидока аби ва умми”, “Ҳавворий Зубайр (ҳаввории ман Зубайр аст)”, аз дасти Расулуллоҳ (с) касб кардаанд. Имом Муслим дар “Саҳеҳ”-аш дар боби фазоили Талҳа ва Зубайр (р) овардааст:

حدثنا محمد بن أبى بكر عن أبى عثمان قال : «لم يبق، مع رسول الله صلى الله عليه وسلم فى بعض تلك الأيام التى قاتل فيهن رسول الله صلى الله عليه وسلم غير طلحه وسعد»[٤٦]

«Дар бисёре аз рўзҳои ҷанг, ки худи Расулуллоҳ (с) ҳузур доштанд (ба маҳзи ин ки ҷанг боло мегирифт) касе ба ҷуз Талҳа ва Саъд дар канори Рамулуллоҳ (с) боқӣ намемонд (ва ҳама дар гўша-гўшаи майдон машғули набард буданд).”

## *ҶОНБОЗОНИ ИСЛОМ*

Ҳазрати Талҳа ва Зубайр (р) ҳар ду ҷузъи ҷонбозони аҳди Расулуллоҳ (с) ҳастанд. Ин ду бузургвор дар ҷангҳои мусалмонон бо куффор ва мушрикон захмҳои шадиде ба бадани муборакашон ворид шудааст ё узве аз баданашонро аз даст дода буданд. дар ҷараёни ҷанги Уҳуд ишора кардем, ки ҳазрати Талҳа (р) ба унвони охирин нафар ва танҳо фарди боқимонда ҳамроҳи Расулуллоҳҳ (с) бар кўҳи Уҳуд чи захмҳоеро мутаҳаммил шуд. Билохира бар асари ҳамон заработ дасти муборакаш то охири умр мафлуҷ буд. Ҳазрати Зубайр (р) низ чун дар аксари ғазавоти паёмбар аз мубористони аслӣ ба шумор

[46] Саҳеҳи Муслим, китоби фазоил. Мишкот-ул-масобеҳи Табрезӣ, ҷилди 2, китоби фазоили асҳоб.

меомад, қатъан заработи сангине ҳам бар ҷисми муборакаш ворид шудааст. Худаш ба писараш мегӯяд, ки ҳеҷ узве аз баданам боқӣ намонда, магар он ки дар риқоби Расулуллоҳ (с) захмӣ шуда бошад.

Ибни Асокир менависад: «Яке аз тобеин, ки ҳазрати Зубайр (р)-ро дар сафаре ҳамроҳӣ мекард, нақл кардааст, ки дар сафаромон ҳазрати Зубайр (р) хост ғусл кунад. Чун дар биёбон будем ҷое набуд, ки аз маърази дида пинҳон шавад, ба ҳамин ҷиҳат ман лунгеро муқобили ӯ гирфтам то дигарон ӯро набинанд. Баъд аз итмоми ғусл, ки мехост либос ба тан кунад, рӯямро чархонидам ва баданашро нигоҳ кардам. Субҳоналлоҳ! Тамоми пушт, гардан ва синааш осори шамшер ва захмҳое буд, ки маълум мешуд дар ҷанг бар баданаш ворид шудааст. Фавран пурсидам: «Эй Зубайр! Касеро ин гуна надидаам!» Зубайр (р) фармуд: «Ба Худо савганд, тамоми инҳо осори захми шамшерҳоест, ки дар роҳи Худо ва дар ҳамроҳии Расулуллоҳ (с) ба баданам исобат кардааст[47]» Паёмбари Акрам (с) фармуд: «Худованди субҳон се асарро бисёр дӯст дорад: аввал, қатароти ашке, ки ба хотири хавфу тарс аз Ӯ сарозер шавад. Дуввум, асари саҷдае, ки ба хотири саҷдаҳои тӯлонӣ бар ҷабин нақш бандад. Саввум,

[47] Таҳзиби Ибни Асокир, ҷилди 5, боби маноқиби Зубайр (р) .

асари захми шамшере, ки дар роҳи Худо бар бадан бимонад ва ё узве, ки дар роҳи Ў қатъ шавад»

قال ابو عيسى: حدثنا قتيبه حدثنا حماد بن زيد عن صخر بن جويرية عن هشام بن عروة قال: أوصى الزبير إلى ابنه عبدالله صبيحته الجمل فقال: «ما منى عضو إلا و قد جرح مع رسول الله صلى الله عليه وسلم حتى انتهى ذلك إلى فرجه»

Ҳзрати Зубайр (р) ба фарзандаш Абдуллоҳ гуфт: «Тамоми аъзои баданам дар рикоби Расулуллоҳ (с) захмӣ шудааст...»[48]

### *БАШОРАТДОДАШУДАГОН БА БИҲИШТ*

Худованди субҳон ба хотири садоқат ва ихлоси ёрони Расулуллоҳ (с) дар ҳамин дунё ба онҳо ваъда ва муждаи биҳиштро додааст. Ҳарчанд ин муждаҳои умумӣ ва шомили тамоми асҳоби Расулуллоҳ аст, аммо дар ҷойҳое барои таъкид ва итминони бештар ва дар муқобили анҷоми аъмоле, ки сареан раҳмати илоҳиро ба дунбол доштааст, нисбат ба баъзеҳо ба таври хусусӣ низ ин ваъда ва мужда такрор шудааст. Яке аз онҳо муждаи Расулуллоҳ (с) ба даҳ тан аз ёронаш мебошад, ки ба «Ашараи мубашшара» машҳур ҳастанд. Даҳ ёри биҳиштӣ, ки Худованд

[48] Сунани Тирмизӣ, ҷилди 5, Китобул-монақиб, ҳадиси 3767.

биҳиштӣ будани онҳоро ба Паёмбараш (с) ваъда додааст. Паёмбар (с) фармуданд:

«أبوبكر فی الجنة و عمر فی الجنة و عثمان فی الجنة و علی فی الجنة و طلحة فی الجنة و زبير فی الجنة و عبدالرحمن بن عوف فی الجنة و سعد بن أبی وقاص فی الجنة و سعيد بن زيد فی الجنة و أبوعبيدة بن الجراح فی الجنة» [٤٩]

Паёмбар (с) бо сароҳат фармуд: «Абубакр, Умар, Усмон, Алӣ, Талҳа, Зубайр, Саъд, Саъид, Абдурраҳмон ибни Авф ва Абуубайда ибни Ҷарроҳ дар биҳишт хоҳанд буд.» Ибни Асокир ва Ибни Асир дар китобҳояшон ҳадиси дигареро аз ҳазрати Саъид ибни Зайд (р) нақл мекунанд:

سمعت رسول الله صلی الله عليه وسلم يقول: «النبي فی الجنة و أبوبكر فی الجنة و عمر فی الجنة و عثمان فی الجنة و طلحه فی الجنة و زبير فی الجنة». [٥٠]

«Паёмбар дар биҳишт аст, Абубакр, Умар, Усмон, Алӣ, Талҳа ва Зубайр низ дар биҳишт ҳастанд.»

## *ҲАМСОЯГОНИ РАСУЛУЛЛОҲ (С) ДАР БИҲИШТ*

Ин ки Расулуллоҳ (с) тамоми ёронашро аз сасмими қалб дӯст медошт, ҳеҷ шакку шубҳае дар он вуҷуд надорад, аммо медонем падару модар дар миёни фарзандонашон гоҳе нисбат ба баъзе унс ва улфати бештаре доранд то бақия. Паёмбар (с) ҳамчун падари меҳрубон ва муаллми дилсӯз буд.

[49] Мишкот-ул-масобеҳи Табрезӣ, ҷилди 2,  Китоби фазоили асҳоб.
[50] Асад-ул- ғоба, ҷилди 2ва Ибни Асокир, ҷилди 2, саҳ 54.

Эшон низ ба баъзе асҳобаш ҳамчун Абубакр, Умар, Усмон, Алӣӣ, Талҳа ва Зубайр (р) ва … муҳаббати хосе дошт.

Дар ҳадисе, ки дар «Сунан»-и Тирмизӣ ва дигар кутуби ҳалис сабт шудааст, муждаи Расулуллоҳ (с) ба ҳазрати Талҳа ва Зубайр (р) дар мавриди ҳузурашон дар биҳишт ва дар ҳамсоягии Расулуллоҳ (с) омадааст:

حدثنا ابو سعيد الأشج، حدثنا أبو عبدالرحمن بن منصور العنزى عن عقبة بن عقلمة اليشكرى، قال: سمعت على ابن أبى طالب رضى الله عنه يقول: سمعت اذنى من رسول الله صلى الله عليه وسلم و هو يقول: «طلحه و الزبير جاراى فى الجنة» [٥١]

«Ҳазрати Алӣ ибни Абӯтолиб (р) фармуд: Бо гӯшҳои худам аз Расули Акрам (с) шунидам, ки мефармуд: Талҳа ва Зубайр ҳамсоягони ман дар биҳишт ҳастанд».

## *БАЙАТКУНАНДАГОНИ «БАЙАТ-УР-РИЗВОН»*

Аз дигар ифтихорот ва имтиёзоти бузурги ҳазрати Талҳа ва Зубайр (р) ин аст, ки онҳо низ ҷузъи 1400 нафаре ҳастанд, ки дар зери дарахти Ҳудайбия бо Расулуллоҳ (с) байат карданд ва Худованди субҳон, ки олим ба гузашта ва оянда аст,

[51] Сунани Тирмизӣ, ҷилди 5, киоби маноқиб 3762.

аз онҳо эъломи ризоият ва хушнудӣ намуда, ба онҳо ваъади биҳишт дод:

لَّقَدْ رَضِيَ ٱللَّهُ عَنِ ٱلْمُؤْمِنِينَ إِذْ يُبَايِعُونَكَ تَحْتَ ٱلشَّجَرَةِ فَعَلِمَ مَا فِي قُلُوبِهِمْ فَأَنزَلَ ٱلسَّكِينَةَ عَلَيْهِمْ وَأَثَٰبَهُمْ فَتْحًا قَرِيبًا ﴿١٨﴾ [الفتح ١٨]

«Худованд аз мӯъминоне розӣ гардид ҳамон дам, ки дар зери дарахт бо ту байат карданд. Худо медонист он чиро, ки дар даруни дилҳояшон (аз садоқат, имон, фидокорӣ ва вафодрӣ ба Ислом) нуҳуфта буд. Лизо итминони хотирӣ ба дилҳояшон дод. Ва фатҳи наздикеро (гузашта аз неъматҳои саромади охират) подошашон кард»[52]

Паёмбар (с) фармудааст: «Касоне ки дар ин байати «Таҳтуш-шаҷара» шарик будаанд, оташи дӯзах наметавонад онҳоро ламс кунад» Ривоёти мутааддиде дол бар ҳамин мазмун бо алфози мухталиф бо санади саҳеҳ дар кутуби ҳадис ва тафсир мавҷуд аст.[53]

## *УЗВИЯТ ДАР ШӮРОИ ХИЛОФАТ*

Ҳангоме ки бузургмарди таърихи Ислом, ҳамон амире, ки подшоҳон ва фармонравоёни олам аз шунидани номаш ларза бар андомашон менишаст,

---

[52] Фатҳ, 18.

[53] Мақоми саҳоба, саҳ. 82.

яъне Форуқи Аъзам (р) террор шуд. Қабл аз ин ки ҷон бар ҷонофарин таслим кунад, шӯроеро барои хилофат таъин намуд ва амри интихоби халифаи саввумро бар дӯши онҳо гузошт ва дастур дод: «Ҳатман рӯзи чаҳорум аз даргузаштам халифаи баъд таъин шуда бошад. Пас шумо се рӯз фурсат доред, то тамоми ҷавониби кор бисанҷед ва мувозиб бошед, ки ин амр ба дарозо накашад, чун муҷиби иҷоди ихтилофи шадид мегардад.»[54]

Ҳазрати Умар (р), ки фарди зирак ва боҳуш буд ва муддати замони зиёдеро дар рикоби Расулуллоҳ (с) сипарӣ карда буд, асҳоб ва ёронро ва тавоноиҳояшонро ба хубӣ мешинохт. Ба ҳамин ҷиҳат ин шаш нафарро, ки тамоми онҳо аз «Ашараи мубашшара» буданд, барои шӯро пешниҳод дод: 1. Ҳазрати Усмон. 2. Ҳазрати Алӣ. 3. Ҳазрати Талҳа. 4. Ҳазрати Зубайр. 5.Ҳазрати Саъд. 6.Ҳазрати Абдурраҳмон ибни Авф (р).[55]

## *МУЖДАИ ШАҲОДАТ АЗ СӮЙИ РАСУЛУЛЛОҲ (С)*

Аз он ҷо, ки дар Ислом шаҳодат мақоми бас баланде аст, ҳар мусалмоне орзу дорад, ки дар роҳи

---

[54] Мухторот мин адабил-араб, саҳ.55.

[55] Ҳамон.

Худо шаҳид шавад ва бо рехта шудани хунаш битавонад хидмате ба дини Ислом бикунад.

Оре! Шаҳодат атийяи илоҳист, ки насиби ҳар касе намешавад, магар онҳо ки Худованд лутфе дар ҳақашон бинмояд.

Бо чакидани аввалин қатраи хуни шаҳид бар замин гуноҳонаш маҳв мешавад ва бо ҳамон хун ба даргоҳи Раббулоламин меравад.

Маротибе, ки Худованди субҳон барои бандагонаш дар назар гирифтааст, пас аз мақоми анбиё ва сиддиқон мақоми шуҳадо воқеъ шудааст. Худованд дар сураи Нисо фармудааст: «Ва касе аз Худо ва Расулаш (бо таслим дар баробари фармони онҳо вар изо ба ҳукми эшон) итоат кунад, ӯ (дар рӯзи растохез) ба биҳишт равад, ҳамроҳ ва ҳамнишини касоне хоҳад буд, ки (муқаррабони даргоҳанд ва) Худо бар эшон неъмат (ҳидоят) додааст. Ва машмули лутфҳои худ намудааст ва бузургвории хешро бар онҳо тамом кардааст. Он муқаррабоне, ки ҳамдамашон хоҳад буд, иборатанд аз пайғамбарон ва ростравон (ва пешгӯёне, ки пайғамбаронро тасдиқ карданд ва ба роҳи онҳо рафтанд.) ва шаҳидон (яъне онҳо, ки худро дар роҳи Худо фидо карданд) ва шоистагон (яъне соири бандагоне, ки дарун ва берунашон бо зевари итоат ва ибодат ороста шуд) ва онҳо чи андоза дустони

хубе ҳастанд!»[56] ҳазрати Талҳа ва ҳазрати Зубайр (р) дар замони ҳаёти Расулуллоҳ (с) муждаи шаҳодаташонро аз забони муборакu он Ҳазрат (с) шунида буданд. Билохира низ ҳамон гуна шуд, ки Расулуллоҳ (с) пешгӯӣ карда буд. Ибни Асир дар «Асдул- ғоба» аз Абубакр ибни Умар нақл мекунад:

عن جابر بن عبدالله قال: قال رسول الله صلى الله عليه وسلم من أراد أن ينظر الى شهيد يمشى على رجليه، فلينظر إلى طلحة بن عبيدالله» ٥٧

«Агар касе мехоҳад шаҳидеро бубинад, ки бар рӯй пойҳояш роҳ меравад, пас Талҳа ибни Убайдуллоҳро бингарад» Ҳамчунин дар Риёзун-назра низ омадааст, аз Расули Худо (с) шунида шуд, ки мефармуд:

«من سره أن ينظر إلى شهيد يمشى على وجه الأرض، فلينظر إلى الزبير» ٥٨

«Касе бихоҳад назар бикунад ба шаҳиде ки дар руи замин роҳ меравад, пас ба Зубайр назар кунад»

Имом Муслимми Нишопурӣ (р) дар Саҳеҳаш аз Қутайба ибни Саъид ривоят карда, ки рӯзе Расулуллоҳ (с) ба ҳамроҳии Абубакр, Умар, Усмон, Алӣ, Талҳа, Зубайр (р) бар рӯй Ҳиро қарор доштанд, ногоҳ кӯҳ ба ларза афтод. Паёмбар (с) фармуд:

«اهدأ، فما عليك إلا نبى أو صديق أو شهيد»

---

56 Нисо, 69.

57 Асд-ул- ғоба, ҷилди 2, саҳ.476.

58 Риёзун-назра, ҷилди 2, саҳ.238.

«Ором бош эй Ҳиро! Касе ҷуз Паёмбар, Сиддиқ ва шаҳид рӯйи ту қарор надорад»

Ҳамчунин имом Муслим (р) ривояти дигаре аз Убайдуллоҳ ибни Муҳаммад нақл мекунад, ки Расули Акрам (с) ба иттифоқ Абубакр, Умар, Усмон, Алӣ, Талҳа, Зубайр ва Саъд ибни Абиваққос (р) бар баландии Ҳиро буданд, Ҳиро ба ларза афтод. Расулуллоҳ (с) фармуд:

«اسكن يا حراء! فما عليك إلا نبي أو صديق أو شهيد» [٥٩]

«Ором гир эй Ҳиро! Ба ҳақиқат ҷуз Паёмбар, Сиддиқ ва шаҳид касе дигар бар рӯйи ту қарор надорад.»

## ШАҲОДАТИ ҲАЗРАТИ ТАЛҲА (Р)

Ҳазрати Талҳа (р) ва ҳазрати Зубайр (р) дар рикоби ҳазрати Уммулмӯъминин Оишаи Сиддиқа (р) барои интиқом гирифтани хуни шаҳиди мазлум Усмон ибни Аффон (р) ва қасоси қотилони он ҳазрат вориди маъракаи Ҷамал шуданд.[60] Ҳарду ин бузургворон дар ҷанги Ҷамал ҳузур доштанд. Ҳазрати Алӣ (р), ки аз бародарон ва дӯстони бисёр самимии ҳазрати Талҳа ва ҳазрати Зубайр (р) буд,

[59] Манбаи собиқ, Мишкот-ул-масобиҳ, китоби фазоили асҳоб.

[60] Ҷараёни муфассали ҷанги Ҷамал ва Сиффин дар дигр асари нигоранда “”Ҳоқоиқеаз ҷанги Ҷамал ва Сиффин” омадааст.

ҳангоме ки аз ҳузурашон бохабар шуд, онҳоро фаро хонд ва ба музокара ва ёдоварии даврони Расулуллоҳ (с) пардохтанд, ки чи рӯзҳоеро дар канори Расули Акрам (с) ва дар риқоби эшон ба сар бурдаанд. Ба ҳарҳол ҳазрати Талҳа (р) канор кашида,

дар сади баргаштан буд, ки бар асари исобати тире, ки аз сӯйи Марвон ибни Ҳакам партоб шуда, шаҳид мешавад ва пешгӯии Расули Акрам (с) таҳаққуқ меёбад.

Аммо Шаъбӣ мефармояд: «Ҳазрати Алӣ (р) баъд аз шаҳодати ҳазрати Талҳа (р) вақте ӯро мушоҳада кард, ки сураташ хокӣ шуда, дар ҷое афтода, ӯро баланд кард ва бо дастҳои муборакаш гарду ғубори сураташро пок мекард ва бо чашмони пур аз ашк мефармуд:

«عزيز على أبا محمد! أن أراك مجدلاً تحت نجوم السماء»

«Барои ман бисёр сахт аст эй Абумуҳаммад, ки туро афтода бар хок зери ситорагони осмон мушоҳада мекунам»

Сипас фармуд:

«إلى الله أشكو عجزى بجرى» و ترحم عليه

Аз ин ҳама ҳузн ва андӯҳам ба боргоҳи илоҳӣ шикоят мекунам. Сипас ҳазрати Алӣ (р) ҳазрати Талҳа (р)-ро дар оғӯш гирифта, ба ӯ тараҳҳум карда, фармуд:

«ليتنى مت قبل هذا اليوم بعشرين سنه»

«Эй кош бист сол қабл аз ин рӯз мемурдам (ва чунин саҳнаеро мушоҳада намекардам)» сипас ҳазрати Алӣ(р) ва асҳобаш шурӯъ карданд ба гиряву зорӣ.[61] Ва дар поён ҳазрати Алӣ (р) дар бораи қотили ҳазрати Талҳа (р) фармуд:

«بشره بالنار» ٦٢

Қотили Талҳаро ба азоби ҷаҳаннам башорат диҳед.[63]

## *ШАҲОДАТИ ҲАЗРАТИ ЗУБАЙР (Р)*

Ҳазрати Зубайр (р) низ дар маъракаи Ҷамал ҳузур дошт. Пас аз музокарае, ки бо ҳазрати Алӣ (р) анҷом дод, эшон низ даст аз ҷанг кашида, хост ба сӯйи Мадина баргардад. Дар ҷое машғули намоз буд, ки Ибни Ҷурмуз ба вай ҳамлавар шуд ва эшонро дар ҳолати намоз ба шаҳодат расонд. Ибни Ҷурмузи бадбахт хушҳол аз ин ки тавониста ҳазрати Зубайр (р)-ро ба қатл бирасонд, барои исботи иддаояш шамшери ҳазрати Зубайр (р)-ро наздаи ҳазрати Алӣ(р) оварда, хабари кушта шудани ҳазрати Зубайр (р)-ро ба иттилои эшон расонд. Ҳазртаи амир (р) бисёр ошуфта шуд ва бо диди пур

---

[61] Асад-ул- ғоба, ҷилди 2, саҳ. 478.

[62] Табақоти Ибни Саъд, ҷилди 2, саҳ 225.

[63] Паёмбар (с) шаҳодати Ҳазрати Талҳа (р)-ро пешгӯӣ карда буд.

аз андӯҳ шамшери ҳазрати Зубайр (р)-ро дар даст гирифта, фармуд:

«إن هذا سيف طالماً فرج الكرب عن رسول الله صلى الله عليه وسلم ثم قال: بشر قاتل ابن صفية بالنار»[٦٤]

«Ба Худо савганд ин шамшер муддатҳои тӯлонӣ нороҳатӣ ва ғаму андӯҳро аз чеҳраи зебои Расулуллоҳ (с) зудуда аст. Сипас фармуд: Қотили ибни Сафия Зубайрро муждаи ҷаҳаннам бод!»

Ибни Ҷурмуз вақте ба иштибоҳ ва бадбахтиаш пай бурд, гуфт:

أتيت علياً برأس الزبير | أرجو لديه به الزلفه
فبشر بالنار إذجئته | فبئس البشارة و التحفة
و سيان عندى قتل الزبير | و ظرطه عنز بذى الجحفة[٦٥]

Сари Зубайрро барои Алӣ овардам. Бадон умед, ки ба ҷойгоҳ, қурб ва манзалате назди ӯ бирасам. Аммо ӯ башорати ҷаҳаннамро ба ман дод! Аҷаб номуборак башорат ва туҳфаи армуғоне. Подоши куштани Зубайр барои ман бо ахлоти ҳайвоноте ки дар хонаҳояшон ҳастанд баробар буд. (кӯчактарин ва беарзиштарин подоше барои ман нарасид, магар бадбахтӣ ва рӯсиёҳӣ)

64 Асд-ул- ғоба, ҷилди 2, саҳ.105.
65 Ҳамон.

## *ЧАРО ХУДРО ФАРОМӮШ КАРДАЕМ!?*

Мутаассифона иддае беинсоф дар қолаби навишта ва суханрои̅ тӯҳматоеро ба ҳазрати Талҳа ва Зубайр (р) ворид менамоянд, бидуни ин ки асл ва асосе дошта бошанд. Бар худ лозим донистем, то дар ин маврид низ тавзеҳи мухтасаре ироа намоем. Яке аз тӯҳматҳое, ки ба ин бузургворон ворид мекунанд дар мавриди ҷанг бо ҳазрати амирулмӯъминин Алӣ (р) мебошад, ки чун ин ду нафар бар зидди Амрулмӯъминин (р) шамшер кашидаанд, пас аз Ислом хориҷанд! Ва …

Мо дар ин робита дар бахши шаҳодати ҳазрати Талҳа ва Зубайр (р) ишорае намудем, ки ин ду нафар ба маҳзи иттилоъ аз мавзеи ҳазрати Алӣ (р) ба суръат майдони ҷангро тарк карданд. Баъд аз он ҳам гуфтем, ки ҳазрати Алӣ (р) чи гуна аз шаҳодати он азизон мутаассир шуд ва чи ҷумалоте базабон овард. Албатта достони муфассали ихтилофи эшонро дар китоби «Ҳақоиқе аз ҷанги Ҷамал ва Сиффин» овардаем. Аммо ишколи дигаре, ки мухолифони ин ду бузургвор аз эшон мегиранд ин аст, ки Талҳа ва Зубайр дар фикри пуст ва мақом будаанд ва ҳамчунин онҳо ба сарватандӯзӣ пардохтаанд.

Ин тӯҳматҳо бисёр нобаҷо аст, чаро ки он азизон ба ҳеҷ ваҷҳ талаби пусту мақоми дунявӣ

набуданд. Ин масъала ба хубӣ дар шӯрои интихобӣ аз сӯйи ҳазрати Умар (р) барои амри хилофат ошкор мегардад, ки ҳар кадом аз ин бузургворон аз қабули масъулият худдорӣ мекарданд.

Аммо дар мавриди сарватманд будани онҳо бояд гуфт: Ҳазрати Талҳа ва ҳазрати Зубайр (р) ҳарду аз бозаргонон ва туҷҷори бисёр моҳир ва чирадаст буданд, ки аз ин роҳ суд ва даромади зиёде оидашон мешуд. Дигар ин ки баъд аз шурӯи ҷанги мусалмонон бо куффор ин ду бузургвор ҷузъи муҷоҳид ва размандагони ҳамешагии сипоҳи Ислом буданд, ки ҳам аз Байтулмол ҳуқуқи собит доштанд ва ҳам аз ғаноими ҷангӣ баҳра мебурданд. Мусаллам аст, ки дар баъзе аз ҷангҳо ба қадре ғаноим ба мусалмонон мерасид, ки то моҳҳо ва солҳо метавонистанд бо он зиндагиро ба сар бибаранд.

## *СУХАНИ ОХИР*

Ҳоло ба дидаи инсоф ба қазоват бинишинем. Оё афродеро бо ин ҳама авсоф ва фазоиле, ки бадон ишорае намудем метавон бад ва бероҳа гуфт. Оё саҳеҳ аст касонеро, ки Худованд аз онҳо розӣ аст мутаҳам кунем?

Магар наъузубиллоҳ Худованд илмаш ноқис ва маҳдуд аст, ки аз онҳо эъломи ризоият намуд, дар ҳоле ки медонист ояндаи оноҳ чи хоҳад буд. Пас бо таваҷҷӯҳ ба гузашта, ҳол ва оянда Худованд фармуда: «رضی الله عنهم و رضوا عنه»

Пас қадре оқилона бияндешем ва дар умуре, ки ҳеҷ суде барои мо надорад дахолат накунем. Бо ин тафаккур ва биниш ёрони Расулуллоҳ (с)-ро бингарем, ки ҳамагии онҳо биҳиштӣ ҳастанд ва Худованд аз онҳо хушнуд аст. Дигар коре ба ихтилоф ва мушоҷароти байни онҳо надошта бошем.

*{تلك أمة قد خلت لها ما كسبت ولكم ما كسبتم}.*

*و ما علين إلا البلاغ المبين*

## *ФЕҲРИСТИ МАНОБЕЪ ВА МАОХИЗ*

1.Асад-ул- ғоба фи маърифтаис-саҳоба, Изуддин ибни Асир, ҷилди 6, Дорул фикр.

2.Албидоя ванн-ниҳоя, Ибни Касир Димашқӣ, ҷилди 14, Дорултақво.

3.Аҳкомур-риҷол мин мизонил иътидол фи тақдир-риҷол

4.Ат-табақтул-кубро, Муҳаммад ибни Саъв Воқидӣ, Дору содир, Бейрут.

5. Ҳаётус-саҳоба, Муҳаммадюсуф Кондеҳлавӣ, ҷ.4, Дору эҳёит-туросил-арабӣ.

6.риҷолу ҳавлар-расул, Холид Муҳаммад Холид, Дорул-фикр.

7. Сунани Тирмизӣ, Абуисо Тирмизӣ, Дорул-фикр.

8. Сияру иъломун-нубало, Шамсддун Заҳабӣ, ҷилди 2, Дор-ул-фикр.

9. Саҳеҳ-ул-бухорӣ, имом Муҳаммад ибни Исмоил Бухорӣ, Дорул-арқам.

10. Саҳеҳу Муслим, Имом Нишобурӣ, Дору эҳёит-туросил-арабӣ.

11. Суварун мин ҳаётис-саҳоба, Риъфат Бошо, Дорул-фикр.

12. Асрус-саҳоба, Абдулмунъим ал-Ҳошимӣ, Дору Ибни Касир.

13. Мухторот мин адабил-араб, Сайид Абулҳасан Надавӣ, Дору Ибни Касир.

14. Мишкот-ул-масобиҳ, Хатиб Табризӣ, ҷ.2, Дору кутуб-ул-араби.
15. Тафсири Нур, Мустафо Хуррамдил, Иҳсон.
16. Масоиб-ус-саҳоба, Сайид НуриддинБухорӣ, Абдурраҳмон Сарбозӣ, Сиддиқи.
17. Мақоми саҳоба, Муҳаммадшафеъ Усмонӣ, Абдурраҳмон Сарбозӣ, Форуқи Аъзам.